**Филиали донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе**

# ҲИКОЁТЕ АҶОИБ

# ВА

# ВОҚЕОТЕ ҒАРОИБ

***Дастур барои хониши беруназсинфӣ***

**Душанбе -2020**

ББК 84 тоҷик 7-5
УДК 891.550 - 3
ҳ - 65

**Ҳикоёте аҷоиб ва воқеоте ғароиб.** Дастур барои хониши беруназсинфӣ. Нашри аввал. Душанбе: Чопхонаи филиали ДДМ ба номи М.В.Ломоносов, 2020. - 152 саҳ.

*Аз ҷониби Шӯрои илмӣ-методии Филиали ДДМ ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе аз 17.06.2020, суратмаҷлиси №5 ба чоп тавсия шудааст.*

**М у р а т т и б о н:** Наврӯз Гулзода,
Маҳмадсалим Абдукаримов

**М у қ а р р и з о н:** д.и.ф., проф. Давлатбек Хоҷаев,
н.и.ф. Фархунда Неъматзода

Дар китобе, ки хонандаи мухтарам дар даст дорад, якчанд ҳикояи назмии мазмуни баланди ахлоқидошта гирд оварда шудааст, ки дар тарбияи ахлоқии шогирдон ва умуман, ҷавонон метавонанд нақши бориз дошта бошанд. Китоб пеш аз ҳама барои донишҷӯёни факултаҳои филологӣ ва ғайрифилологӣ мураттаб ва пешниҳод мегардад. Инчунин мақсад аз мураттаб сохтани китоби мазкур аслан тарғиби адабиёти пурғановати форсу тоҷик аст ва шояд шиносоӣ бо он дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худшиносии илмӣ ва адабии ҷавонон нақше бозида тавонад, ки аз ин мураттибон худро дар рушду равнақи тарбияи худшиносии ҷавонон ҳиссагузор мешуморанд.

**© Наврӯз Гулзода, Маҳмадсалим Абдукаримов**

# Сарсухан

Назми классикии форсу тоҷик аз нигоҳи накд беқиёс ва бемислу монанд аст. Асарҳои эпикӣ, драмавӣ ва ишқиву ахлоқии он то дараҷаи ниҳоӣ ҷолибу мафтункунанда ва дорои аҳамияти ахлоқиву тарбиявӣ мебошанд, ки ин хусусият дар адабиёти ягон халқи дигари ҷаҳон дида намешавад.

Бузургони адаби форсу тоҷик асарҳое офариданд, ки барои мутолиаи ҳамаи онҳо як умри одамӣ кифоят намекунад.

Мундариҷаи ғоявии осори намояндагони ҷараёни суфиизм, аслан, аз тараннуми ишқи пок, эътиқоду садоқат, некиву накӯкорӣ, раҳму шафқат, хайру саховат, одобу ахлоқи ҳамида, дӯстӣ, худотарсӣ, парҳезгорӣ, адлу инсоф ва мазамати хиёнату душманӣ, зулму золимӣ, ноҷавонмардӣ, коҳиливу таносоӣ, кибзу дурӯғ ва дигар хислатҳои бади исонӣ иборат аст.

Ибтидо аз асри X то саддаи XX ҳаёти адабии Осиёи Марказӣ ва Эрон ба давраҳо ҷудо карда шудааст ва ҳар давра дар алоқамандӣ бо ҳаёти сиёсии худ дорои аломат ва хусусиятҳои хоси худ мебошад. Ғайр аз ин, дар адабиёт ҷараёнҳои зиёди адабӣ ба миён омаданд, ки онҳо низ хусусияти хоси худро доштанд. Масалан, дар асрҳои XI-XII ҷараёнҳое мисли тасаввуф, исмоилия, қарматия, ботиния ба майдон

омаданд ва ҳар яке аз ин ҷараёнҳо пайравон ва намояндагони худро доштанд.

Дар китоби мазкур якчанд ҳикояи назмии мазмуни баланди ахлоқидошта аз осори бузургони адабиёти классики форсу тоҷик гирд оварда шудааст, ки дар тарбияи ахлоқии шогирдон ва умуман, ҷавонон метавонанд нақши бориз дошта бошанд.

Дар поварақи ҳар як саҳифа шарҳи калимаҳои душворфаҳм оварда шудааст, ки он барои дарки маънии байтҳои алоҳида ва ғанӣ гардидани захираи луғавии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Китоб пеш аз ҳама барои донишҷӯёни ҳамаи равияҳои филиали ДДМ ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе ва инчунин донишҷӯёни факултаҳои филологӣ ва ғайрифилологии дигар МТОК барои хониши беруназсинфӣ мураттаб ва пешниҳод мегардад. Инчунин, мақсад аз мураттаб сохтани китоби мазкур аслан тарғиби адабиёти пурғановати форсу тоҷик аст ва шояд шиносоӣ бо он дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худшиносии илмӣ ва адабии ҷавонон нақше бозида тавонад, ки аз ин мураттибон худро дар рушду равнақи тарбияи худшиносии ҷавонон ҳиссагузор мешуморанд.

**Аз мураттибон**

# ДОСТОНИ ШАЙХ САНЪОН

***(Аз маснавии «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридиддини Аттор)***

Шайх Санъон пири аҳди хеш буд,
Дар камолаш ҳар чӣ гӯям, беш буд.

Шайх буд андар ҳарам[1] панҷоҳ сол,
Бо мурide чорсад соҳибкамол.

Ҳар муриде, к - они ӯ буд, эй аҷаб,
Менаёсуд аз риёзат рӯзу шаб.

Ҳам амал, ҳам илм бо ҳам ёр дошт,
Дар аён ҳам кашфу ҳам асрор дошт.

Қурби панҷаҳ ҳаҷ ба ҷо оварда буд,
Умра[2] умре буд, то мекарда буд.

Худ салоту[3] савми [4] беҳад дошт ӯ,
Ҳеҷ суннатро фурӯ нагзошт ӯ.

---

[1] ***Ҳарам*** - манъ кардашуда, ҷое, ки даромадан ба он ва кардани баъзе корҳо дар он ҷо манъ бошад; ҷои муқаддас, зиёратгоҳ.

[2] ***Умра*** - ҳаҷҷи асғар, як қисми ҳаҷ, ки маросими махсус дорад.

[3] ***Салот*** - намоз.

[4] ***Савм*** - рӯза.

Пешвоёне, ки дар пеш омаданд,
Пеши ӯ аз хеш бехеш омаданд.

Мӯй мебишкофт марди маънавӣ,
Дар каромоту[5] мақомоти қавӣ.

Ҳар кӣ бемориву сустӣ ёфтӣ,
Аз дами ӯ тандурустӣ ёфтӣ.

Халқро филҷумла[6] дар шодиву ғам,
Муқтадое буд дар олам алам.

Гарчи худро қудвати[7] асҳоб дид,
Чанд шаб ӯ ҳамчунон дар хоб дид.

Гар хур(р)ам дар Румаш афтодӣ мақом,
Саҷда мекардӣ бутеро вассалом!

Чун бидид он хобро бедори ҷаҳон,
Гуфт: «Дардову дареғо, к-ин замон.

Юсуфи тавфиқ дар чоҳ уфтод,
Ақбаи[8] душвор дар роҳ уфтод.

---

[5] ***Каромот*** - корҳои ғайриодӣ, ки аз ҷониби авлиёҳо сар мезанад.

[6] ***Филҷумла*** - ҳосили калом, хулласи калом, хулоса.

[7] ***Қудват*** – пешво, роҳбар.

[8] ***Ақба*** - ағба, ҷои аз ҳама пасти теғаи кӯҳҳо, ки ҳамчун гузаргоҳи мувофиқтари байни водиҳои ду тарафи кӯҳ истифода мешавад.

Менадонам то аз ин ғам ҷон барам,
Тарки ҷон гуфтам, агар имон барам.

Нест як тан дар ҳама рӯи замин,
К-ӯ надорад ақбае дар раҳ чунин.

Гар кунадин ақба қатъ, ин ҷойгоҳ,
Роҳ рӯшан гардадаш то пойгоҳ.

В-ар бимонад дар паси он ақба боз,
Дар уқубат[9] шавад раҳ бар вай дароз».

Охируламр он бадониш устод,
Бо муридон гуфт: «Корем уфтод.

Мебибояд рафт сӯи Рум[10] зуд,
То шавад таъбири ин маълум зуд».

Чорсад марди муриди[11] мӯътабар[12],
Пайравӣ карданд бо ӯ дар сафар.

Мешуданд аз Каъба то ақсои Рум,
Тавф мекарданд сар то пои Рум.

---

[9] ***Уқубат*** - азоб, ҷазо, озор.

[10] ***Рум*** - номи қадими империяи Рум, Византия.

[11] ***Мурид*** - იродатманд, хоҳон, толиб; - пайравикунанда, пайрав; он ки байъат мекунад. Масалан, бо шайх, пир, эшон.

[12] ***Муътабар*** - касе, ки дар назди мардум шаъну эътибор дорад.

Аз қазо диданд олиманзаре,
Бар сари манзар нишаста духтаре.

Духтари тарсои[13] рӯҳонисифат,
Дар раҳи Рӯҳуллаҳаш сад маърифат.

Дар биҳишти ҳусну дар бурҷи ҷамол,
Офтобе буд, аммо безавол.

Офтоб аз рашки акси рӯи ӯ,
Зардтар аз ошиқон дар кӯи ӯ.

Ҳар кӣ дил дар зулфи он дилдор баст,
Аз хаёли зулфи ӯ зуннор[14] баст.

Он, ки ҷон бар лаъли он дилбар ниҳод,
Пой дар раҳ нониҳода сар ниҳод.

Чун сабо[15] аз зулфи ӯ мушкин шудӣ,
Рум аз ӯ озарми Ҳинду Чин шудӣ.

Ҳар ду чашмаш фитнаи ушшоқ буд,
Ҳар ду абрӯяш ба хубӣ тоқ буд.

---

[13] ***Тарсо*** - исавӣ, насронӣ, пайрави динҳои дигар.

[14] ***Зуннор*** - риштае, ки дарвешон, зардуштиён ва кашишони насронӣ ба миён мебастаанд.

[15] ***Сабо*** - боде, ки аз тарафи шарқ мевазад; шамоли форам, насими салқин.

Чун назар бар ҷони ушшоқ уфтод,
Ҷон ба дасти ғамза[16] дар тоқ уфтод.

Абрӯяш бар моҳ тоқе баста буд,
Мардуме бар тоқи ӯ биншаста буд.

Мардуми чашмаш[17] чу кардӣ мардумӣ,
Сайд кардӣ ҷони сад-сад одамӣ.

Рӯи ӯ аз зери зулфи тобдор,
Буд оташпорае бас обдор.

Лаъли serобаш ҷаҳоне ташна дошт,
Наргиси масташ ҳазорон дашна[18] дошт.

Ҳар кӣ сӯи чашми ӯ ташна шудӣ,
Дар дилаш ҳар мижа чукн дашна шудӣ.

Гуфтро чун бар даҳонаш раҳ набуд,
Аз даҳонаш ҳар кӣ гуфт, огаҳ набуд.

Ҳамчу чашми сӯзане шакли даҳон-ш,
Баста зунноре чу зулф андар миён-ш.

---

[16] ***Ғамза*** - ишва, нозу карашма.
[17] ***Мардуми чашм*** - гавҳараки чашм.
[18] ***Дашна*** - теғ, ханҷари нӯгтез.

Чоҳи симин[19] бар занахдон[20] дошт ӯ,
Ҳамчу Исо бар сухан ҷон дошт ӯ.

Садҳазорон дил чу Юсуф ғарқи хун,
Уфтода дар раҳи ӯ сарнагун.

Гавҳари хуршедваш дар мӯй дошт,
Бурқаъи[21] шаъри[22] сияҳ бар рӯй дошт.

Духтари тарсо чу бурқаъ баргирифт,
Банд-банди шайхро озар гирифт.

Чун намуд аз зери бурқаъ рӯи хеш,
Баста сад зуннор аз як мӯи хеш.

Гарчи шайх он ҷо назар бар пеш кард,
Ишқи тарсозода кори хеш кард.

Шуд ба кул (л) аз дасту дар пой уфтод,
Ҷой оташ буду бар ҷой уфтод.

Ҳар чӣ будаш, сар ба сар нобуд шуд,
З-оташи савдо дилаш пурдуд шуд.

---

[19] ***Чоҳи симин*** - киноя аз даҳони маҳбуба.

[20] ***Занахдон*** - ғаб-ғаб, зери манаҳ.

[21] ***Бурқаъ*** - сарбанди занон; чашмбанд, пардаи рӯйпӯши занон, рӯбанд, ниқоб.

[22] ***Шаър*** - мӯйҳо; маҷмӯи мӯйсари касе.

Ишқи духтар кард ғорат ҷони ӯ,
Рехт куфр[23] аз зулф бар имони[24] ӯ.

Шайх имон доду тарсоӣ гузид,
Оқибат бифрӯхт расвоӣ гузид.

Ишқ бар ҷону дили ӯ чер[25] шуд,
То зи дил безору аз ҷон сер шуд.

Гуфт: «Чун дил рафт, чӣ ҷои дил аст,
Ишқи тарсозода коре мушкил аст».

Чун муридонаш чунин диданд зор,
Ҷумла донистанд, к-афтодаст кор.

Сар ба сар дар кори ӯ ҳайрон шуданд,
Сарнагун гаштанду саргардон шуданд.

Панд додандаш басе, суде набуд,
Буданӣ чун буд, беҳбуде набуд.

Ҳар кӣ пандаш дод, фармон менабурд,
З-он ки дардаш ҳеҷ дармон менабурд.

---

[23] ***Куфр*** - имон надоштан ба дини ислом; бединӣ.
[24] ***Имон*** - эътиқод, боварӣ ба чизе; эътиқод ба дин.
[25] ***Чер//чера//чир//чира*** – ғолиб, музаффар, фирӯз, забардаст.

Ошиқи ошуфта фармон чун барад?
Дарди дармонсӯз дармон чун барад?

Чун шаби торик дар шаръи сиёҳ,
Шуд ниҳон, чун куфр дар зери гиёҳ.

Буд то шаб ҳамчунон рӯзи дароз,
Чашм бар манзар, даҳонаш монда боз.

Ҳар чароғе, к-ахтар он шаб баргирифт,
Аз дили он пири ғам  х(в)ар дар гирифт.

Ишқи ӯ он шаб яке сад беш шуд,
Лоҷарам[26] якборагӣ аз хеш шуд[27].

Ҳам дил аз худ ҳам зи олам баргирифт,
Хок бар сар карду мотам даргирифт.

Як дамаш не хоб буду не қарор,
Метапид аз ишқу менолид зор.

Гуфт: « - Ё  Раб, имшабамро рӯз нест,
Шамъи гардунро[28] ҳамоно сӯз нест.

---

[26] ***Лоҷарам*** - хулоса, бегуфтугӯ.
[27] ***Аз хеш шудан*** - бехуд шудан.
[28] ***Шамъи гардун*** - киноя аз офтоб.

Дар  риёзат[29] будаам шабҳо басе,
Худ нишон надҳад чунин шабҳо касе.

Ҳамчу шамъ аз сӯхтан тобам намонд,
Бар ҷигар ҷуз хуни дил обам намонд.

Ҳамчу шамъ аз таффу сӯзам мекушанд,
Шаб ҳамесӯзанду рӯзам мекушанд.

Ҷумлаи шаб дар шабехун[30] мондаам,
Пой то сар ғарқ дар хун мондаам.

Ҳар дам аз шаб сад шабехун бигзарад,
Менадонам рӯз то чун бигзарад.

Ҳар киро як шаб чунин рӯзе бувад,
Рӯзу шаб кораш ҷигарсӯзӣ бувад.

Рӯзу шаб бисёр дар таб будаам,
Ман ба рӯзи хеш имшаб будаам.

Кори ман рӯзе, ки мепардохтанд,
Аз барои имшабам месохтанд.

Ё Раб, имшабро нахоҳад буд рӯз,
Шамъи гардунро нахоҳад буд сӯз.

---

[29] ***Риёзат*** - ранҷ, машаққат.
[30] ***Шабехун*** - ҳамлаи шабонаи душман.

Ё Раб, ин чандин маломат имшаб аст,
Ё магар рӯзи қиёмат имшаб аст?!

Ё зи оҳам шамъи гардун мурда шуд,
Ё зи шарми дилбарам дар парда шуд?

Шаб дароз асту сияҳ чун мӯи ӯ,
В-арна сад раҳ будаме дар кӯи ӯ.

Ман бисӯзам имшаб аз савдои ишқ,
Ман надорам тоқати ғавғои ишқ.

Умр ку, то васфи бедорӣ кунам,
Ё ба коми хештан зорӣ кунам!

Сабр ку, то пой дар доман кашам,
Ё чу мардон ратли[31] мардафкан кашам.

Бахт ку, то азми бедорӣ кунад,
Пас маро дар ишқи ӯ ёрӣ кунад.

Ақл ку то илм дар пеш оварам,
Ё ба ҳилат[32] ақл бо хеш оварам.

Даст ку, то хоки раҳ бар сар кунам,
Ё зи зери хоку хун сар бар кунам.

---

[31] ***Ратл*** - пиёла, паймона, ҷом, қадаҳ; пиёлаи шароб.
[32] ***Ҳилат*** - макр, фиреб; дасиса.

Пой ку, то боз ҷӯям кӯи ёр,
Чашм ку, то боз бинам рӯи ёр.

Ёр ку, то дил диҳад дар як ғамам,
Дӯст ку, то даст гирад як дамам.

Рӯз ку, то нолаву зорӣ кунам,
Ҳуш ку, то сози ҳушёрӣ кунам.

Рафт ақлу рафт сабру рафт ёр,
Ин чӣ дард аст, ин чӣ ишқ аст, ин чӣ кор»!

Ҷумлаи ёрон ба дилдории ӯ,
Ҷамъ гаштанд он шаб аз зории ӯ.

Ҳамнишине гуфташ: «Эй шайхи кибор[33],
Хезу ин васвосро[34] ғусле[35] барор»!

Шайх гуфто: «Имшаб аз хуни ҷигар,
Кардам сад бор ғусл, эй бехабар»!

Он дигар гуфто, ки: «Тасбеҳат[36] куҷост,
Кай шавад кори ту бе тасбеҳ рост»?

---

[33] ***Кибор*** - ҷамъи кабир, яъне бузургон.

[34] ***Васвос*** - фикру андеша ва хаёлоте, ки ба бадӣ мебарад.

[35] ***Ғусл*** - шустани тамоми бадан; пок сохтани олами ботинӣ.

[36] ***Тасбеҳ*** - донаҳои ба ришта кашидашуда, ки диндорон дар вақти зикр онро як-як мегардонанд.

Гуфт: «Ман онро бияфкандам зи даст,
То тавонам бар миён зуннор баст».

Он дигар гуфто, ки: «Эй пири куҳун,
Гар хатое рафт, ба зудӣ тавба кун».

Гуфт: «Кардам тавба аз номусу ҳол,
То раҳам аз шайхиву аз қилу қол[37]».

Он дигар гуфташ, ки: «-Эй донои роз,
Хез худро ҷамъ гардон дар намоз».

Гуфт: «Ку меҳроби[38] рӯи он нигор,
То набошад ҷуз намозам ҳеҷ кор».

Он дигар гуфташ, ки: «Эй шайхи куҳун,
Хезу дар хилват[39] Худоро саҷда кун».

Гуфт: «Агар бутрӯи[40] ман онҷостӣ,
Саҷда пеши рӯи ӯ зебостӣ»!

Он дигар гуфто: «Пушаймонит нест,
Як нафас дарди мусулмонит нест»?

---

[37] ***Қилу қол*** - гуфтугӯ; мубоҳиса; баҳси илмӣ; ҷанҷол, кашмакаш.
[38] ***Меҳроб*** - тоқи даруни масҷид, ки дар тарафи қибла воқеъ аст; ҷои истодани имом вақти намози ҷамоа.
[39] ***Хилват*** - танҳоӣ, танҳонишинӣ; ҷои танҳо нишастан; нишастан дар ҷое, ки холӣ аз бегонагон бошад.
[40] ***Бутрӯй*** - дорои рӯи монанди бут, бисёр хушрӯй ва зебо.

Гуфт: «Кас набвад пушаймон беш аз ин,
То чаро ошиқ нагаштам пеш аз ин».

Он дигар гуфташ, ки: «Деват роҳ зад,
Тири хазлон[41] бар дилат ногоҳ зад».

Гуфт: «Деве, ки раҳи мо мезанад,
Гӯ, бизан, алҳақ, ки зебо мезанад».

Он дигар гуфташ, ки: «Ҳар-к огоҳ шуд,
Гӯядаш, к: «Ин пир чун гумроҳ шуд»?

Гуфт: «Ман бас фориғам[42] аз ному нанг,
Шишаи солус[43] бишкастам ба санг».

Он дигар гуфташ, ки: «Ёрони қадим,
Аз ту ранҷуранду монда дил дуним».

Гуфт: «Тарсобачча чун хушдил бувад,
Дил зи ранҷи ину он ғофил[44] бувад».

Он дигар гуфташ, ки: «Бо ёрон бисоз,
То шавем имшаб ба сӯи Каъба боз».

[41] ***Хазлон*** - худдорӣ аз ёриву кӯмаки касе; - бебаҳрагӣ, бадбахтӣ, бечорагӣ, хорӣ.

[42] ***Фориғ*** - холӣ, озод аз чизе, беparво.

[43] ***Солус*** - риё; фиреб, макр.

[44] ***Ғофил*** - бехабар.

Гуфт: «Агар Каъба набошад, Дайр[45] ҳаст,
Ҳушёри Каъба шуд дар Дайр маст».

Он дигар гуфт: «Ин замон кун азми[46] роҳ,
Дар ҳарам биншину узри хеш хоҳ».

Гуфт: «Сар то остони он нигор,
Узр хоҳам хост, даст аз ман бидор».

Он дигар гуфташ, ки: «Дӯзах дар раҳ аст,
Марди дӯзах нест ҳар к-ӯ огаҳ аст».

Гуфт: «Агар дӯзах шавад ҳамроҳи ман,
Ҳафт дӯзах сӯзад аз як оҳи ман».

Он дигар гуфташ: «Ба умеди биҳишт,
Боз гарду тавба кун з-ин кори зишт».

Гуфт: «Он ёри биҳиштрӯй ҳаст,
В-ар биҳиште боядам, он кӯй ҳаст».

Он дигар гуфташ, ки: «Аз Ҳақ шарм дор,
Ҳақтаъолоро ба Ҳақ озарм[47] дор».

Гуфт: «Ин оташ чу Ҳақ дар ман фиканд[48],
Ман ба худ натвонам аз гардан фиканд».

---

[45] ***Дайр*** - ибодатхона ва хонақоҳи насрониён ё оташпарастон.
[46] ***Азм*** - қасд, ирода, ният, майл ва хоҳиши ҷиддӣ ва қатъӣ.
[47] ***Озарм*** - шарм, ҳаё, раҳм, меҳр, нармӣ, ҳурмат, эътибор.
[48] ***Фикандан / афкандан*** - андохтан, партофтан, ғалтондан.

Он дигар гуфташ, ки: «Рав, сокин бибош,
Боз имон овару мӯъмин бибош».

Гуфт: «Ҷуз куфр аз мани ҳайрон махоҳ,
Ҳар кӣ кофир шуд, аз ӯ имон махоҳ».

Чун сухан дар вай наёмад коргар,
То занад охир бад-он тимор дар.

Мавҷзан шуд пардаи дилшон зи хун,
То чӣ ояд аз паси парда бурун.

Турки рӯз охир чу бо заррин сипар,
Ҳиндуи шабро ба теғ афганд сар.

Рӯзи дигар, к-ин ҷаҳони пурғурур,
Ёфт аз сарчашмаи Хуршед нур.

Шайх хилватсози кӯи ёр шуд,
Бо сагони кӯи ӯ дар кор шуд.

Мӯътакиф[49] биншаст бар хоки раҳаш,
Ҳамчу мӯе шуд зи рӯи чун маҳаш.

Оқибат бемор шуд аз дилситон,
Ҳеҷ барнагрифт сар з-ин остон.

---

[49] ***Мӯътакиф*** - гӯшанишин, хилватнишин, танҳонишин.

Буд хоки кӯи он бут бистараш,
Буд болин остони он дараш.

Чу набуд дар кӯи ӯ бигзаштанаш,
Духтар огаҳ шуд зи ошиқ гаштанаш.

Хештанро аъҷамӣ[50] кард он нигор,
Гуфт: «Шайхо, аз чӣ гаштӣ беқарор?

Кай кунад, эй аз шароби ширк[51] маст,
Зоҳидон дар кӯи тарсоён нишаст.

Гар ба зулфам шайх иқрор оварад,
Ҳар дамаш девонагӣ бор оварад».

Шайх гуфташ: «Чун забунам[52] дидаӣ,
Лоҷарам дуздида дил дуздидаӣ.

Ё дилам деҳ боз, ё бо ман бисоз,
Дар ниёзи ман нигар, чандин маноз.

Аз сари нозу такаббур[53] даргузар,
Ошиқу пиру ғарибам, дарнигар!

---

[50] ***Аъҷамӣ*** - касе, ки забони арабиро намедонад; камфаҳм, нодон.

[51] ***Ширк*** - куфр, аз рӯи ақидаи ислом худоро яккаву ягона надониста, ӯро шарикдор ҳисоб кардан.

[52] ***Забун*** - нотавон, заиф, суст, хору зор, дармонда.

[53] ***Такаббур*** - мағрурӣ, худписандӣ.

Сарсарӣ чун нест ишқам, эй нигор,
Ё сарам аз тан бибур, ё сар ба дор!

Ҷон фишонам, гар ту фармонам диҳӣ,
Ҳам зи лаб бори дигар ҷонам диҳӣ.

Эй лабу зулфат зиёну суди ман,
Рӯи хубат мақсаду мақсуди ман.

Гаҳ зи тоби зулф дар тобам кунӣ,
Гаҳ чашми маст дар хобам кунӣ.

Дил пуроташ, дида пуроб аз туам,
Бедилу бесабру бехоб аз туам.

Бе ту ман ҷону ҷаҳон бифрӯхтам,
Киса бин, к-аз ишқи ту бардӯхтам.

Ҳамчу борон ашк меборад зи чашм,
З-он ки бе ту чашми ин дорам зи чашм.

Дил зи даст дида дар мотам бимонд,
Дида рӯят диду дил дар ғам бимонд.

Он чӣ ман аз дида дидам, кас надид,
Он чӣ ман аз дил кашидам, кӣ кашид?

Аз дилам ҷуз хуни дил ҳосил намонд,
Хуни дил то кай хӯрам, чун дил намонд?!

Беш аз ин бар ҷони ин мискин[54] мазан,
Бар футӯҳи[55] ман лагад чандин мазан.

Рӯзгори ман бишуд дар интизор,
Гар бувад васле[56] биёбам рӯзгор.

Ҳар шабе бар ҷон каминсозӣ кунам,
Бар сари кӯи ту ҷонбозӣ кунам.

Рӯй бар хоки дарат ҷон медиҳам,
Ҷон ба нархи хок арзон медиҳам.

Чанд нолам бар дарат, дар боз кун,
Як дамам бо хештан дамсоз кун.

Офтобӣ, аз ту дурӣ чун кунам,
Соям, аз ту сабурӣ чун кунам?

Гарчи ҳамчун соям, аз изтироб[57],
Дарҷаҳам[58] аз равзанат чун офтоб!

---

[54] ***Мискин*** - фақир, бечиз, бечора.

[55] ***Футӯҳ*** - ҷамъи фатҳ, кушоиш; кушоиши кор.

[56] ***Васл*** - пайваст, пайванд, часпондан ё часпидани чизе бо чизе, расидан ба маҳбуб ва маъшуқ.

[57] ***Изтироб*** - ҳаяҷони сахт, беқарорӣ ва ошуфтагӣ.

Ҳафт гардунро бар орам зери пар,
Гар фуруд орӣ  бар ин саргашта сар»!

Духтараш гуфт «Эй хириф[59] аз рӯзгор,
Соз кофуру кафан кун, шарм дор.

Чун думат сар дошт, думсозӣ макун,
Пир гаштӣ, рӯ сӯи бозӣ макун.

Ин замон азми кафан кардан туро,
Беҳ бувад, то азми ман кардан туро!

Чун ту дар пирӣ ба як нони гарав,
Ишқ варзидан набитвонӣ, бирав!

Кай тавонӣ подшоҳӣ ёфтан,
Чун ба серӣ нон нахоҳӣ ёфтан»!

Шайх гуфташ: «Гар бигӯӣ сад ҳазор,
Ман  надорам ҷуз ғами ишқи ту кор.

Ошиқиро чӣ ҷавон, чӣ пирмард,
Ишқ бар ҳар дил, ки зад, таъсир кард»!

---

[58] ***Дарҷаҳам*** - яъне, бичаҳам, бипарам.
[59] ***Хириф*** – нотавон, оҷиз, пири фартут.

Гуфт духтар: «Гар дар ин кори дуруст,
Даст бояд шуст аз ислом чуст[60].

Ҳар кӣ ӯ ҳамранги ёри хеш нест,
Ишқи ӯ аз рангу бӯе беш нест».

Шайх гуфташ: «Ҳар чӣ гӯӣ, он кунам,
Ҳар чӣ фармоӣ, ба ҷон фармон кунам.

Ҳалқадаргӯши туам, эй симтан[61],
Ҳалқае аз зулф дар ҳалқам фикан».

Гуфт духтар: «Гар ту ҳастӣ марди кор,
Чор корат кард бояд ихтиёр.

Саҷда кун пеши буту Қуръон бисӯз,
Хамр[62] нӯшу дида аз имон бидӯз».

Шайх гуфто: «Хамр кардам ихтиёр,
Бо сеи дигар надорам ҳеҷ кор.

Бар ҷамолат хамр ёрам х(в)ард ман,
В-он сеи дигар наёрам кард ман».

---

[60] ***Чуст*** - зуд, тез, чобук, чолок, чаққон.
[61] ***Симтан / симандом*** - сафедбадан, он кӣ баданаш монанди нуқра сафед аст.
[62] ***Хамр*** - май, шароб, бода.

Гуфт: «Бархезу биёву хамр нӯш,
Чун бинӯшӣ хамр, ой бар хурӯш».

Шайхро бурданд то дайри муғон,
Омаданд он ҷо муридон дар фиғон.

Шайх алҳақ[63] маҷлисе бас тоза кард,
Мизбонро[64] ҳусни беандоза кард.

Оташи ишқ оби кори ӯ бибурд,
Зулфи тарсо рӯзгори ӯ бибурд.

Заррае ақлаш намонду ҳуш ҳам,
Даркашид он ҷойгаҳ хомӯш дам.

Ҷоми май бистуд зи дасти ёри хеш,
Нӯш карда дил бурид аз кори хеш.

Чун ба як ҷо шуд шаробу ишқ ёр,
Ишқи он моҳаш яке шуд сад ҳазор.

Чун ҳарифи оби дандон дид Шайх,
Лаъли ӯ дар ҳуққа[65] хандон  дид Шайх.

---

[63] ***Алҳақ*** - ҳақиқатан, дар ҳақиқат; дуруст аст, рост аст.

[64] ***Мизбон*** - соҳиби дастархон, меҳмондор.

[65] ***Ҳуққа*** - қуттичаи чӯбин, қуттича; сандуқчаи ҷавоҳирот; киноя аз даҳани ёр.

Оташе аз шавқ дар ҷонаш фитод,
Сели хунин сӯи мижгонаш фитод.

Ҷоми дигар хост Шайху нӯш кард,
Ҳалқае аз зулфи ӯ дар гӯш кард.

Ҳар чӣ медонист, аз ёдаш бирафт,
Бода омад, ақл чун бодаш бирафт.

Хамр ҳар маънӣ, ки будаш аз нахуст,
Пок аз лавҳи[66] замири ӯ бисӯхт.

Қурби сад тасниф дар дил ёд дошт,
Ҳифзи «Қуръон»-ро басе устод дошт.

Чун май аз соғар ба нофи ӯ расид,
Даъвии ӯ рафту лофи ӯ расид.

Ишқи он дилбар бимондаш саъбнок[67],
Ҳар чи дигар буд,  яксар рафт пок.

Шайх чун шуд масту ишқаш зӯр кард,
Ҳамчу дарё ҷони ӯ пуршӯр кард.

---

[66] ***Лавҳ*** - сармашқи бачаҳои навомӯз, ки чизҳои омӯхтанӣ ба рӯи он навишта мешавад, тахтачаи таълим.

[67] ***Саъб*** - сахт, зӯр, шадид, душвор, мушкил.

Он санамро дид май дар даст маст,
Шайх шуд якборагӣ он ҷо зи даст.

Барнаёмад бо худу расво шуд ӯ,
Менатарсид аз касу расво шуд ӯ.

Дил бидод аз дасту в-аз май хӯрданаш,
Хост то дасте кунад дар гарданаш.

Духтараш гуфт: «Эй ту, марди кор не,
Муддаӣ дар ишқу даъвидор не!

Офият[68] бо ишқ набвад созгор,
Ошиқиро куфр бояд пойдор.

Гар қалам дар ишқ маҳкам дорие,
Мазҳаби ин зулфи пурхам дорие.

Ҳамчу зулфам неҳ қадам дар кофирӣ,
З-он, ки набвад ишқ кори сар-сарӣ.

Иқтидо[69] гар ту ба зулфи ман кунӣ,
Бо ман ин дам даст бар гардан кунӣ.

---

[68] ***Офият*** - тандурустӣ, саломатӣ, сиҳат.

[69] ***Иқтидо*** - пайравӣ кардан, тақлид кардан, дар коре тобеи касе шудан.

Гар нахоҳӣ кардан ин ҷо иқтидо,
Хезу рав, инак асо, инак ридо[70]».

Шайхи ошиқ гашта корафтода буд,
Дил зи ғафлат бар қазо бинҳода буд.

Он замон, к-андар сараш мастӣ набуд,
Як нафас ӯро сари ҳастӣ набуд.

Ин замон, ки ошиқи зор асту маст,
Ҳам зи по афтода, ҳам рафта зи даст.

Менаёяд бо худу расво шавад,
Менатарсад аз касу расво шавад.

Буд май бас кӯҳна, з-он рӯ кор кард,
Шайхро саргашта чун паргор[71] кард.

Пирро май кӯҳнаву ишқи ҷавон,
Дилбараш ҳозир, сабурӣ кай тавон!

Пир шуд аз ишқи май шайдову маст,
Масту ошиқ чун бувад, рафта зи даст.

---

[70] ***Ридо*** – либоси болопӯш мисли ҷома.

[71] ***Паргор*** - афзор ва олатест барои кашидани доира ва паймоиши хатҳо, сиркул, хати доирашакл.

Гуфт: «Бетоқат шудам, эй моҳрӯй,
Аз мани бедил чӣ мехоҳӣ, бигӯй.

Гар ба ҳушёрӣ нагаштам бутпараст,
Пеши бут Мусҳаф[72] бисӯзам маст-маст».

Духтараш гуфт: «Ин замон шоҳи манӣ,
Лоиқи дидору ҳамроҳи манӣ.

Пеш аз ин дар ишқ будӣ хоми хом,
Хуш бизӣ, чун пухта гаштӣ, вассалом»[73].

Чун хабар наздики тарсоён расид,
К-он чунон шайхе раҳи эшон гузид[74].

Шайхро бурданд сӯи дайр маст,
Баъд аз он гуфтанд то зуннор баст.

Шайх чун дар ҳалқаи зуннор шуд,
Хирқаро оташ заду дар кор шуд.

Дил зи дини хештан озод кард,
Не зи Каъба, не зи шайхӣ ёд кард.

---

[72] ***Мусҳаф*** – ҷамъи саҳифа, ишора ба Қуръон.

[73] ***Вассалом*** - тамом, тамом шуд, анҷом ёфт (ифодае, ки дар вақти ба охир расидани чизе кор фармуда мешавад).

[74] ***Гузидан*** - интихоб кардан.

Баъди чандин сол имони дуруст,
Инчунин навбовае[75] рӯяш бишуст.

Гуфт: «Хазлон қасди ин дарвеш кард,
Ишқи тарсозода кори хеш кард.

Ҳар чи гӯяд баъд аз ин, фармон кунам,
З-ин батар чи б-вад, ки кардам, он кунам!

Рӯзи ҳушёрӣ набудам бутпараст,
Бут парастидам, чу гаштам масти маст.

Бас касо, к-аз хамр тарки дин кард,
Бешакеам алчаноис ин кард».

Шайх гуфт: «Эй духтари дилбар, чӣ монд,
Ҳар чӣ, гуфтӣ, карда шуд, дигар чӣ монд?

Хамр хӯрдам, бут парастидам зи ишқ,
Кас надидаст он чи ман дидам зи ишқ.

Кас чу ман дар ошиқӣ расво нашуд,
Аз чунон шӯхе чунин шайдо нашуд.

---

[75] ***Навбова*** - ҳар чизи нав ва тоза, махсусан мева, ки ба ҳайси дастовез оварда мешавад.

Қурби панҷоҳ солро ҳам буд боз,
Мавҷ мезад дар дилам дарёи роз.

Даррам[76] ишқ аз замин барҷаст чуст,
Бурд моро бар сари лавҳи нахуст.

Ишқ аз ин бисёр кардасту кунад,
Хирқаро зуннор кардасту кунад.

Пухтаи ақл аст абҷадхони[77] ишқ,
Саршиноси ғайбу саргардони ишқ.

Ин ҳама худ рафт, баргӯ андаке,
То ту кай хоҳӣ шудан бо ман яке.

Чун бинои васли ту бар асл буд,
Ҳар чӣ кардам, бо умеди васл буд.

Васл бояд, ошноӣ ёфтан,
Чанд хоҳам дар ҷудоӣ тофтан».

Боз духтар гуфт к: «Эй пири асир,
Ман гаронкобинаму[78] ту бас фақир.

---

[76] ***Дарра*** - роҳ ё масоҳати на чандон васеи байни ду доманаи кӯҳ.

[77] ***Абҷадхон*** - бачаи навомӯзи мактабӣ; он ки аз абҷад сабақ мегирад; сабақомӯз, навомӯз, навомӯз дар хондан ва навиштан.

[78] ***Гаронклбин*** - гаронбаҳо, қиматбаҳо.

Симу зар бояд маро, эй бехабар,
Кай шавад бе сим кори ту чу вар[79]?!

Чун надорӣ зар, сари худ гиру рав,
Нафқае бистон зи ман, эй пиру рав.

Ҳамчу хуршеди сабукрав фард бош,
Сабр кун мардонавору мард бош».

Шайх гуфт: «Эй сарвқадду[80] симбар,
Аҳд некӯ мебарӣ алҳақ ба сар.

Кас надорам ҷуз ту, эй зебонигор,
Даст аз ин шева сухан охир бидор.

Ҳар даме навъе дигар андозиям,
Дар сар андозӣ, ба сар андозиям.

Хуни дил бе ту бих(в) ардам, ҳар чӣ буд,
Дар сари кори ту кардам, ҳар чӣ буд.

Дар раҳӣ ишқи ту ҳар ч-ам буд, шуд,
Куфру Ислому зиёну суд шуд.

---

[79] ***Вар*** - баҳравар.

[80] ***Сарвқад*** - соҳиби қади баланду рост; ростқад, ростқомат (сифати маҳбуба).

Чанд дорӣ беқарорам з-интизор,
Ту надорӣ инчунин бо ман қарор.

Ҷумлаи ёрон зи ман баргаштаанд,
Душмани ҷони мани саргаштаанд.

Ту чунин, эшон чунон, ман чун кунам,
Чун на дил монду на ҷон, ман чун кунам?

Дӯстат медорам, эй исосиришт,
Бо ту дар дӯзах, ки бе ту дар биҳишт»!

Оқибат чун Шайх омад марди ӯ,
Сӯхт дил он моҳро бар дарди ӯ.

Гуфт: «Кобини[81] маро, эй мустаҳом[82],
Хукбонӣ боядат соле тамом.

Чунки соле бигзарад, бо ту ба ҳам,
Умр бигзорем дар шодиву ғам».

Шайх аз фармони ҷонон сар натофт,
К-он, ки сар тобад, зи ҷонон бар наёфт.

---

[81] ***Кобин*** - пул, мулки манқул ва ғайри манқуле, ки дар вақти никоҳ домод пардохтани онро ба арӯс ба зиммаи худ мегирад ва дар сурати занро талоқ додани шавҳар ё мурдани шавҳар, бояд ба зан дода шавад.

[82] ***Мустаҳом*** - саргашта, ҳайрон, волаву шайдо, ғамгин.

Рафт Шайхи Каъбаву пири кибор,
Хукбонӣ кард соле ихтиёр.

Дар ниҳоди ҳар касе сад хук ҳаст,
Хук бояд гашт, ё зуннор баст.

Ту чунон зан мебарӣ, эй ҳеҷ кас,
К-ин хатар он пирро афтоду бас.

Дар даруни ҳар касе ҳаст ин хатар,
Сар бурун орад, чу ояд дар сафар.

Ту зи хуки хеш агар огоҳ наӣ,
Сахт маъзурӣ[83], ки марди раҳ наӣ!

Гар қадам дар раҳ ниҳӣ, эй марди кор,
Ҳам буту ҳам хук бинӣ сад ҳазор.

Хук куш, бут сӯз дар саҳрои ишқ,
В-арна ҳамчун Шайх шав расвои ишқ.

### *Дармондани муридон ба кори шайх ва мурочиат кардан ба каъба*

Оқибат чун Шайх тарсоӣ гузид,
Дар тамоми Рум ғавғо шуд падид.

---

[83] ***Маъзур*** - узрдошта, узрдор.

Ҳамнишинонаш ҳама дармонда сахт,
Моту ҳайрон, хастаҷону тирабахт[84].

Чун бидиданд он гирифтории ӯ,
Боз гардиданд аз ёрии ӯ.

Ҷумла аз хазлони ӯ бигрехтанд,
Аз ғами ӯ хок бар сар рехтанд.

Буд ёре дар миёни ҷамъ чуст,
Пеши Шайх омад, ки: «Эй дар кор суст.

Меравам имшаб ба сӯи Каъба боз,
Чист фармон, боз бояд гуфт роз!

Ё ҳама ҳамчун ту тарсоӣ кунем,
Хешро дар кеши[85] расвоӣ кунем.

Ё туро дорем аз ин роҳ боз,
Гарчи моро нест барги роҳу соз.

Инчунин танҳот напсандем мо,
Ҳамчу ту зуннор барбандем мо.

---

[84] ***Тирабахт*** - бадбахт, сиёҳбахт, сиёҳрӯз.
[85] ***Кеш*** - мазҳаб, дин, оин, рафтор, одоб.

Ё чу натвонем дидат инчунин,
Зуд бигрезем бе ту з-ин замин.

Мӯътакиф дар Каъба биншинем мо,
То бубинем, он чи мебинем мо».

Шайх гуфто: «Ҷони ман пурдард буд,
Ҳар кучо хоҳед, бояд рафт зуд!

То маро чон ҳаст, дайрам ҷой бас,
Духтари тарсои рӯҳафзой бас.

Менадонед арчи бас озодаед,
З - он ки ин ҷо кор ноафтодаед.

Гар шуморо кор афтодӣ даме,
Ҳамдаме[86] будӣ маро дар ҳар ғаме.

Боз гардед, эй рафиқони азиз,
Менадонам то чи хоҳад буд низ.

Гар зи мо пурсанд, баргӯед рост,
К-он зи по афтода, саргардон кучост!

Чашм пурхуну даҳан пурзаҳр монд,
Дар даҳони аждаҳои қаҳр монд.

---

[86] ***Ҳамдам*** - дӯст, ҳамсӯҳбат, ҳамнишин, ҳамроз, мӯнис.

Ҳеҷ кофир дар ҷаҳон надҳад ризо,
Он чи кард он пири ислом аз қазо.

Рӯи тарсоӣ намудандаш зи дур,
Шуд зи дину ақлу шайхӣ носабур[87].

Зулфи ӯ чун ҳалқа дар ҳалқаш фиканд,
Дар даҳони ҷумлаи халқаш фиканд.

Гар маро дар сарзаниш гирад касе,
Гӯ, дар ин раҳ инчунин афтад басе.

Дар чунин раҳ, ки на бун[88] дорад, на сар,
Кас мабодо эмин аз хавфу хатар.

Ин бигуфту рӯй аз ёрон битофт,
Хукбониро сӯи хукон шитофт.

Оқибат рафтанд сӯйи Каъба боз,
Монда ҷон дар сӯхтан, тан дар гудоз.

Баски ёрон дар ғамаш бигристанд,
Ҳар замон аз пас ҳаме нигристанд.

---

[87] ***Носабур*** - бесабр, бетоқат, он кӣ бурдбор нест.
[88] ***Бун*** - таг, таҳ, зер.

Шайхашон дар Рум танҳо мондае,
Дода дин барбоду тарсо мондае.

В - он гаҳ ишон аз ҳаё ҳайрон шуда,
Ҳар яке дар гӯшае пинҳон шуда.

Шайхро дар Каъба ёре чуст буд,
Дар иродат[89] сахту собит[90] менамуд.

Буд бас бинандаву бас роҳбар,
З-ӯ набудӣ Шайхро огоҳтар.

Шайх чун аз Каъба шуд сӯйи сафар,
Ӯ набуд он ҷойгаҳ ҳозир магар.

Чун муриди Шайх боз омад ба ҷой,
Буд аз Шайхаш тиҳӣ[91] хилватсарой.

Бозпурсид аз муридон ҳоли Шайх,
Бозгуфтандаш ҳама аҳволи Шайх:

К: «Аз қазо ӯро чӣ шох омад ба бар,
В - аз қадар ӯро чи кор омад ба сар.

---

[89] ***Иродат*** - майлу хоҳиш, ихтиёр, ихлос, сидқ.
[90] ***Собит*** - устувор, маҳкам, мустаҳкам, пойдор, барқарор.
[91] ***Тиҳӣ*** - холӣ, холӣ будани даруни чизе, соф, пок.

Мӯи тарсое ба як мӯяш бибаст,
Роҳ бар имон зи сад сӯяш бибаст.

Ишқ мебозад кунун бо зулфу хол,
Хирқа[92] гашташ михрақа[93], ҳолаш маҳол.

Дастҳо бардошта аз тоъат ӯ,
Хукбонӣ мекунад ин соъат ӯ.

Ин замон он хоҷаи бисёрдард,
Сачя[94]и саддонаро зуннор кард.

Шайх моро гарчи бас бо дин сохт,
Аз куҳангабре[95] кунун натвон шинохт».

Чу мурид он қисса бишнид, аз шигифт[96],
Рӯй чун зар карду зорӣ даргирифт.

Бо муридон гуфт: «Эй тардоманон,
Дар вафодорӣ на мардон, на занон.

Ёри корафтода бояд сад ҳазор,
Ёр н-ояд ҷуз чунин рӯзе ба кор!

---

[92] ***Хирқа*** - порчаи матоъ, матои дарида, порча-порча, либоси дарвешон.

[93] ***Михрақа*** - олати чӯбин барои кафондани чизе, фона.

[94] **Сачя** - тасбеҳ

[95] ***Куҳанбр*** - пири оташпараст.

[96] ***Шигифт*** - таааҷҷуб, ҳайрат.

Гар шумо будед ёри Шайхи хеш,
Роҳи ёрӣ аз чӣ бигрифтед пеш?!

Шарматон бод, охир ин ёрӣ бувад!
Ҳақшиносиву вафодорӣ бувад!

Чун ниҳод он Шайх бар зуннор даст,
Ҷумларо зуннор мебоист баст.

Аз бараш амдан[97] намебоист шуд,
Ғайри тарсо худ куҷо шоист шуд!

Ин на ёриву мувофиқ будан аст,
К-он чӣ кардед, аз мунофиқ[98] будан аст.

Ҳар кӣ ёри хешро ёвар шавад,
Ёр бояд буд, агар кофар шавад.

Вақти нокомӣ[99] тавон донист ёр,
Худ бувад дар комронӣ[100] сад ҳазор!

Шайх чун афтод дар коми наҳанг,
Ҷумла з-ӯ бигрехтанд аз ному нанг.

---

[97] ***Амдан*** - аз рӯйи қасд, қасдан, ба таври ихтиёрӣ, дидаву дониста.
[98] ***Мунофиқ*** - одами дурӯя.
[99] ***Нокомӣ*** - номуродӣ; ноумедӣ, маъюсӣ.
[100] ***Комронӣ*** - мувофиқи мурод ва орзу умр гузаронидан; хушбахтӣ, саодатмандӣ; лаззат бурдан.

Ишқро бунёд бар бадномӣ аст,
Ҳар кӣ з-ин гар сар кашад, аз хомӣ аст.

Ҷумла гуфтанд: «Он чӣ гуфтӣ пеш аз ин,
Борҳо гуфтем бо ӯ беш аз ин.

Азми он кардем, то бо ӯ ба ҳам,
Умр бигзорем дар шодиву ғам.

Зӯҳд[101] бифрӯшему расвоӣ кунем,
Дин барандозему тарсоӣ кунем.

Лек рӯй он дид Шайхи корсоз,
К-аз бари ӯ як ба як гардем боз.

Чун надид аз ёрии мо Шайх суд,
Бозгардонид моро Шайх зуд.

Мо ҳама бар ҳукми ӯ гаштем боз,
Қисса баргуфтему нанҳуфтем роз».

Баъд аз он асҳобро гуфт он мурид:
«Гар шуморо кор будӣ бар мазид[102].

---

[101] ***Зӯҳд*** - парҳезгорӣ, порсоӣ, бемайлию беҳавасӣ ба дунё, тарки дунё.

[102] ***Мазид*** - афзоиш, зиёдшавӣ.

Ҷуз дари Ҳақ нестӣ ҷои шумо,
Дар хасӣ растӣ саропои шумо.

Дар тазарруъ[103] доштан дар пеши Ҳақ,
Ҳар яке бурдӣ бар он дигар сабақ.

Худ чаро аз Шайх кардед эҳтироз[104],
Аз дари Ҳақ баҳри чӣ гаштед боз?

Чун шуниданд ин сухан аз аҷзи[105] хеш,
Барнаёварданд як тан сар зи пеш.

Мард гуфт: «Акнун аз ин хиҷлат[106] чӣ суд?
Кор чун афтод, бархезем зуд.

Лозими даргоҳи Ҳақ бошем мо,
Дар тазарруъ хок мепошем мо.

Пираҳан[107] пӯшем аз коғаз ҳама,
Даррасем охир ба Шайхи худ ҳама.

Ҷумла сӯи Рум рафтанл аз Араб,
Мӯътакиф гаштанд пинҳон рӯзу шаб.

---

[103] ***Тазарруъ*** - илтиҷо, илтимос бо ҳасрату зорӣ.
[104] ***Эҳтироз*** - худдорӣ намудан, парҳез кардан, канорагирӣ.
[105] ***Аҷз*** - нотавонӣ, сустӣ, камзӯрӣ, беҳолӣ, заъф.
[106] ***Хиҷлат*** - шарм, ҳаё.
[107] ***Пираҳан*** - курта, либоси таҳи яккабата.

Бар дари Ҳақ ҳар якеро сад ҳазор,
Гаҳ шафоат, гоҳ зорӣ буд кор.

Ҳамчунин то чил шабонрӯзи тамом,
Сар напечиданд ҳеҷ аз як мақом.

Ҷумларо чил шаб на хӯр[108] буду на хоб,
Ҳамчу шаб чил рӯз не нону на об.

Аз тазаррӯъ кардани он қавми[109] пок,
Дар фалак[110] афтод ҷӯше сабънок111.

Сабзпӯшон дар фарозу дар фуруд,
Ҷумла пӯшиданд аз мотам кабуд.

Охируламр он ки буд ӯ пешсаф,
Омадаш тири дуъое бар ҳадаф[112].

Баъди чил шаб он муриди покбоз,
Буд андар хилват аз худ рафта боз.

---

[108] ***Хӯр*** - хӯрок, таом, ғизо, хӯрданӣ, хӯриш.

[109] ***Қавм*** - гурӯҳе аз мардум бо вежагиҳои муштараки забонӣ, таърихӣ ва нижодӣ; гурӯҳе, ки дар як масҷид ва аз паси як имом намоз мехонанд.

[110] ***Фалак*** - осмон; сарнавишт.

[111] **Сабънок** - пуқувват, воҳиманок

[112] ***Ҳадаф*** - нишона, нишонаи тир; мақсад, манзур, он чи одам ба расидан бад-он бикӯшад.

Субҳдам боде баромад мушкбор,
Шуд ҷаҳони кашф бар дил ошкор.

Мустафоро[113] дид меояд чу моҳ,
Дар бар афканда ду гесуи сиёҳ.

Меҳиромиду табассум менамуд,
Хешро ҷон андар ӯ гум менамуд.

Он мурид ӯро чу дид, аз ҷой ҷаст,
К: «Эй Набиюллоҳ, дастам гир, даст!

Раҳнамои халқ аз баҳри Худой,
Шайхи мо гумроҳ шуд, роҳаш намой».

Мустафо гуфт: «Эй ба ҳиммат бас баланд,
Рав, ки Шайхатро бурун кардам зи банд.

Ҳиммати олит кори хеш кард,
Дам назад, то Шайхро дар пеш кард.

Дар миёни Шайху Ҳақ аз дергоҳ,
Буд гардеву ғуборе бас сиёҳ.

Ин ғубор аз роҳи ӯ бардоштем,
Дар миёни зулматаш[114] нагзоштем.

---

[113] ***Мустафо*** - баргузида; яке аз номҳои Муҳаммади пайғамбар (с).

Кардам аз баҳраш шафоъат шабнаме[115],
Мунташир бар рӯзгори ӯ ҳаме.

Он ғубор акнун зи раҳ бархоста,
Тавба биншаста, гунаҳ бархоста.

Ту яқин медон, ки сад олам гуноҳ,
Аз тафи[116] як тавба бархезад зи роҳ.

Баҳри эҳсон чун дарояд мавҷзан,
Маҳв[117] гардонад гуноҳи марду зан».

Мард аз шодии он мадҳуш[118] шуд,
Наърае зад, к-осмон дар ҷӯш шуд.

Ҷумлаи асҳобро огоҳ кард,
Муждагонӣ доду азми роҳ кард.

Рафт бо асҳоб гирёну равон,
То расид ӯ назди Шайхи хукбон.

---

[114] ***Зулмат*** - торикӣ, сиёҳӣ.

[115] ***Шабнам*** - рутубате, ки шабона ё саҳар ба рӯи сабзаҳо, гиёҳҳо, гулҳо *ва ғ.* мерезад.

[116] ***Таф*** - гармӣ, ҳарорат, оташ.

[117] ***Маҳв*** - ситурдан, нест кардан; аз байн рафтан, несту нобуд шудан.

[118] ***Мадҳуш*** - беҳол, парешон, бехуд.

Шайхро диданд чун оташ шуда,
Дар миёни беқарорӣ х(в)аш шуда.

Ҳам фиканда буд ноқус[119] аз даҳон,
Ҳам гусаста[120] буд ноқус аз миён.

Ҳам кулоҳи гиракӣ[121] андохта,
Ҳам зи тарсоӣ дилаш пардохта.

Шайх чун асҳобро аз дур дид,
Хештанро дар миёни нур дид.

Ҳам зи ҳиҷлат[122] ҷома бар тан чок кард,
Ҳам ба дасти аҷз бар сар хок кард.

Гоҳ чун абр ашки хунин мефишонд,
Гоҳ даст аз ҷони ширин мефишонд.

Гаҳ зи оташ пардаи гардун[123] бисӯхт,
Гаҳ зи ҳиҷлат бар тани ӯ хун бисӯхт.

Ҳикмату асрору Қуръону хабар,
Шуста буданд аз замираш[124] сар ба сар.

---

[119] ***Ноқус*** - зангӯлаи калисо, зангӯлаи ибодатхонаи насоро.
[120] ***Гусастан*** - пора шудан, канда шудан, шикастан.
[121] ***Гиракӣ*** - каллапӯши тарсоён.
[122] ***Ҳиҷлат*** - шармсорӣ, ҳиҷолат
[123] ***Гардун*** - фалак, сипеҳр, осмон; олам, дунё, даҳр.

Ҷумла бо ёд омаданд якборагӣ,
Бозраст аз ҷаҳлу[125] аз бечорагӣ.

Чун ба ҳоли худ фурӯ нагристӣ,
Дар суҷуд афтодиву бигристӣ!?

Ҳамчу гул аз хуни дил оғушта буд,
В-аз ҳиҷолат дар арақ гум гашта буд.

Чун бидидандаш чунон асҳобино,
Монда дар андӯҳу шодӣ мубтало.

Пеши ӯ рафтанд саргардон ҳама,
В-аз паи шукрона ҷонафшон ҳама.

Шайхро гуфтанд: «Эй пай бурда роз[126],
Меғ шуд аз пеши хуршеди ту боз.

Хост аз раҳ куфру пас имон нишаст,
Бутпарасти Рум шуд яздонпараст[127].

Мавҷ зад ногоҳ дарёи қабул,
Шуд шафоатхоҳи кори ту расул.

---

[124] ***Замир*** - ботини инсон, андаруни дил; андеша ва рози нуҳуфта дар дил.

[125] ***Ҷаҳл*** - нодонӣ, нодонии мағрурона; бехабарӣ, ғафлат, беилмӣ.

[126] ***Роз*** - матлаби пӯшида, пинҳон, асрори дил, он чӣ дар замири дил аст.

[127] ***Яздонпараст*** - худопараст, худоҷӯй, худотарс.

Ин замон шукрона олам – олам аст,
Шукр кун Ҳақро, чи ҷои мотам аст?!

Шукр Яздонро, ки аз дарёи қор,
Кард роҳе ҳамчу хуршед ошкор.

Он ки донад кард рӯшанро сиёҳ,
Тавба донад дод бо чандин гуноҳ.

Оташе аз тавба чун бифрӯзад ӯ,
Ҳар чӣ бошад, ҷумла бар ҳам сӯзад ӯ.

Қисса кӯтаҳ мекунам, з-ин ҷойгоҳ,
Будашон алқисса[128] ҳоле азми роҳ.

Шайх ғусле карду шуд дар хирқа боз,
Рафт бо асҳоби худ сӯи Ҳиҷоз[129].

Чун дар омад[130] духтари тарсо зи хоб,
Мавҷ зад нур аз дилаш чун офтоб.

Офтоб он гоҳ бикшода забон,
Гуфт: «Ҳон, шав аз паи Шайхат равон.

---

[128] ***Алқисса*** – хулоса , хулосаи калом, хулласи гап; ҳосили калом.

[129] ***Ҳиҷоз*** – номи ноҳияе дар Арабистон, ки Маккаву Мадина дар он воқеанд.

[130] ***Дар омадан*** – берун шудан

Мазҳаби ӯ гиру хоки ӯ бибош,
Эй палидаш[131] карда, поки ӯ бибош!

Ӯ чу омад дар раҳи ту бо Ҳиҷоз,
Дар ҳақиқат ту раҳи ӯ гир боз.

Раҳзанаш будӣ, ба роҳи ӯ дарой,
Чун ба роҳ омад, ту ҳамроҳӣ намой.

Аз раҳаш бурдӣ, кунун ҳамраҳ бибош,
Чанд аз ин беогаҳӣ, огаҳ бибош»!

Духтари тарсо аз он неку хитоб,
Шуд гирифтори ҳазорон печу тоб.

Дар дилаш дарде даромад, эй аҷаб,
Беқарораш кард он дард аз талаб.

Оташе дар ҷони сармасташ фитод,
Даст дар дил зад, дил аз дасташ фитод.

Менадонист ӯ, ки ҷони беқарор,
Дар даруни ӯ чӣ тухм орад ба бор.

Дид худро дар аҷоиб оламе,
Кораш афтоду набудаш ҳамдаме.

[131] ***Палид*** - бадкор, нобакор, олуда.

Оламе, к-он ҷо нишони роҳ нест,
Гунг бояд шуд, забон огоҳ нест.

Дарзамон он нозу нахват[132] в-он тараб[133],
Ҳамчу борон рехт аз вай, эй аҷаб.

Наъразан, ҷомадарон берун давид,
Хок бар сар, дар миёни хун давид.

Бо диле пурдарду ҷисме нотавон,
Аз пайи Шайху муридон шуд равон.

Ҳамчу абре ғарқа дар  х(в)ай[134] медавид,
Дода дил аз дасту дар пай медавид.

Менадонист ӯ, ки дар саҳрову дашт,
Аз кадомин сӯй мебояд гузашт.

Оҷизу саргашта менолид хуш,
Рӯи худ дар хок мемолид хуш.

Ҳар замон мегуфт бо аҷзу ниёз,
К: «Эй Карими[135] роҳдони корсоз.

---

[132] ***Нахват*** - худпарастӣ, худбинӣ, такаббур, калонгирӣ, ғурур.
[133] ***Тараб*** - шодмонӣ, шодӣ, хурсандӣ, хушнудӣ.
[134] Х(в)ай – намӣ; ишора бар обу арақ ғӯтидан, аз арақ тар шудан
[135] ***Карим*** - бахшандаи гуноҳ (сифати Худо); сахӣ, босаховат; ҷавонмард, соҳибэҳсон.

Аврате[136] дармондаву бечораам,
Аз диёру хонумон овораам.

Марди роҳи чун туеро раҳ задам,
Ту мазан бар ман, ки бе огаҳ задам.

Баҳри қаҳҳоритро[137] биншон зи ҷӯш,
Ман надонистам, хато кардам, бипӯш.

Ҳар чӣ кардам, бар мани мискин магир,
Дин пазируфтам, маро бедин магир»!

Шайхро эълом карданд аз дарун,
К: «Омад он духтар зи тарсоӣ бурун.

Ошноӣ ёфт бо даргоҳи мо,
Кораш афтод ин замон бо роҳи мо».

Шайх ҳоле бозгашт аз раҳ чу бод,
Боз шӯре дар муридон уфтод.

Ҷумла гуфтандаш: «Зи сар бозат чӣ буд,
Тавбаву чандин таку тозат[138] чӣ буд!

---

[136] ***Аврат*** - зан, завҷа; андоми ниҳонӣ, андоми шарм.

[137] ***Қаҳҳор*** - яке аз номҳои Худо; сахтгир, хашмовар, ҳокими мутлақ, ғолиб.

[138] ***Такутоз*** - даводавӣ; ҷӯстуҷӯ.

Бори дигар ишқбозӣ мекунӣ,
Бо ниёзе бениёзӣ мекунӣ»!

Ҳоли духтар Шайх бо эшон бигуфт,
Ҳар кӣ он бишнид, тарки ҷон бигуфт.

Шайху асҳобаш зи пас рафтанд боз,
То расид он ҷо, ки буд он дилнавоз.

Зард медиданд чун зар[139] рӯи ӯ,
Гумшуда дар гарди[140] раҳ гесӯи ӯ.

По бараҳна, пора карда ҷома пок,
Бар мисоли мурдае дар рӯи хок.

Чун бидид он моҳ Шайхи хешро,
Ғашше[141] бигрифт он бути дилрешро.

Пас бибурд он моҳро аз ғашшӣ хоб,
Шайх бар рӯяш фишонд аз дида об.

Чун назар афканд бар Шайх он нигор,
Ашк борон гашт чун абри баҳор.

[139] ***Зар*** - тилло.

[140] ***Гард*** - чангу ғубор, хокреза; зарраҳои майдаи ҳар чиз, ки ба шакли чангу ғубор даромадааст.

[141] ***Ғаш*** - беҳушӣ; беҳуш шудан, бетоқатӣ.

Дида дар аҳду вафои ӯ фиканд,
Хешро дар дасту пои ӯ фиканд.

Гуфт: «Аз ташвири[142] ту ҷонам бисӯхт,
Беш аз ин дар парда натвонам бисӯхт.

Барфикан ин парда, то огаҳ шавам,
Роҳ бинмо, то ки марди раҳ шавам.

Арза кун Ислому бинмо роҳи Ҳақ,
Эй гузиншайхи майи огоҳи Ҳақ»!

Шайх бар вай арзаи Ислом дод,
Ғулғуле[143] дар ҷумлаи ёрон фитод.

Чун шуд он бутрӯй аз аҳли аён,
Ашки ёрон мавҷзан шуд дар замон.

Охируламр он санам чун роҳ ёфт,
Завқи имон дар дилаш ногоҳ ёфт.

Шуд дилаш аз завқи имон барқарор,
Ғам дар омад гирди ӯ бе ғамгусор.

---

[142] ***Ташвир*** - шармсорӣ, шармандагӣ, шӯриш, талотум, изтироб, ба ҳаяҷон омадан.

[143] ***Ғулғул*** - садо, овоз; садоҳои омехтаи ҳархела.

Гуфт: «Шайхо, тоқати ман гашт тоқ,
Ҳеҷ тоқат менаёрам дар фироқ.

Меравам з-ин хокдони пурсудоъ[144],
Алвидоъ[145], Ашшайхи олам, алвидоъ!

Чун маро кӯтоҳ хоҳад шуд сухун,
Оҷизам, афвам куну хасмӣ[146] макун».

Ин бигуфт он моҳу даст аз ҷон фишонд,
Ними ҷоне дошт, бар ҷонон фишонд.

Гашт пинҳон офтобаш зери меғ[147],
Ҷони ширин з-ӯ ҷудо шуд, эй дареғ!

Қатрае буд ӯ дар ин баҳри маҷоз[148],
Сӯи дарёи ҳақиқат рафт боз.

Ҷумла чун бо вай зи олам меравем,
Рафт ӯву мо ҳама ҳам меравем.

Инчунин омад басе дар роҳи ишқ,
Ин касе донад, ки ҳаст огоҳи ишқ.

---

[144] ***Судоъ*** - дарди сар.

[145] ***Алвидоъ*** - калимаи нидо дар вақтҳои гусел ва ҷудошавӣ аз якдигар ва дар ҳангоми мусофират гуфта мешавад; хайрухуш, падруд.

[146] ***Хасм*** - душман, адӯ.

[147] ***Меғ*** - абр.

[148] ***Маҷоз*** - ғайри ҳақиқат, зидди ҳақиқат будан.

Ҳар чӣ мегӯянд дар раҳ мумкин аст,
Аҳли раҳмат, мард умеди эмин[149] аст!

Нафс ин асрор[150] натвонад шунуд,
Бе насиба гӯй натвонад рабуд!

Ин ба гӯши ҷону дил бояд шунид,
Не ба нақши обу гил бояд шунид!

Ҷанги дил бо нафс ҳар дам сахт шуд,
Наҳвае[151] мехон, ки мотам сахт шуд!



---

[149] ***Эмин*** - бехавф, бехатар, дар амон, маҳфуз; хотирҷамъ, осуда.
[150] ***Асрор*** - ҷамъи сир, розҳо, ниҳониҳо.
[151] ***Наҳва*** - тариқ, равия, равиш.

# ҲИКОЯИ СУЛТОН ҶАМҶАМА

***(Аз маснавии «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридиддини Аттор)***

Ногаҳон рӯзе ба тақдири Иллоҳ,
Корсози сонеи[152] арзу само.

Мегузашт Исо[153] канори Даҷлае[154],
Дид дар саҳро фитода каллае.

Акди дандонҳо ба ҳам бигсехта,
Мағзи ӯ бо хоку гил[155] омехта.

Маскани[156] занбуру хони[157] мӯриён,
Ҳамчу барф исфед[158] гашта устухон.

Ҳар ду чашмаш гашта пурхоку сиёҳ,
Ҳар ду гӯшаш карда мору мӯр роҳ.

---

[152] ***Сонеъ*** - касе, ки чизе месозад, созанда; офаринанда; яке аз номҳои Худо.

[153] ***Исо*** - пайғамбари Худо, ки тақвими кунунии милодӣ аз таваллуди ӯ ибтидо мегирад; Исои Масеҳ, Исои Марям.

[154] ***Даҷла*** - номи дарёи маъруф дар Ироқ, ки номи қадимаи он Арванд мебошад.

[155] ***Гил*** - лой; хоки сахт ва хушк.

[156] ***Маскан*** - маҳалли сукунат, ҷои истиқомат, бошишгоҳ.

[157] ***Хон*** - дастархон, суфра, хона, сарой.

[158] ***Исфед*** - сапед, сафед.

Кард Исо сӯи он калла нигоҳ,
Дар тааҷҷуб монд, гуфто: «Ё Иллоҳ.

Офаридӣ халқро аз сунъи пок,
Пас залил[159] афкандаӣ бар рӯи хок.

Ё Иллоҳо, Ҳаққи бечун зоти ту,
Ҳақ зи сунъу қудрату оёти ту.

Ҳақи сунъи поки ту, эй бениёз,
Баркушо бар ман ту ин аҳволу роз».

Ҷабраил[160] омад ба фармони Худо,
Гуфт: «Ё Исо, чӣ мехоҳӣ, бихоҳ».

Гуфт: «Мехоҳам, ки ин пӯсидасар,
Рози худ бо ман бигӯяд сар ба сар».

Гуфт: «Ё Исо, бихоҳ аз вай сухан,
То бигӯяд ҳолу аҳволи кӯҳан».

Рафт Исо сӯи он кала фароз[161],
Гуфт: «Эй калла, ба Ҳаққи бениёз.

[159] ***Залил*** - беэътибор, ночиз; хор, ҳақир.

[160] ***Ҷабраил*** - номи яке аз фариштагон, ки оварандаи ваҳйи илоҳӣ ба пайғамбарон аст.

[161] ***Фароз*** - боло, баланд; баста, пӯшида.

Ҳолу аҳволи худат бо ман бигӯй,
Зишт будӣ дар ҷаҳон, ё хубрӯй.

Ҷаннатӣ будӣ ту, ё худ дӯзахӣ,
Мадхалӣ[162] будӣ ту ё марди сахӣ.

Подшаҳ будӣ ту, ё марди гадо,
Муҳташам[163] будӣ, ту ё худ бенаво».

Калла омад пеши Исо дар сухан,
Гуфт: «Ё Исо, манам марди кӯҳан.

Подшаҳ будам ба мулки Мисру Шом,
Рафта будам Машриқу Мағриб ба ном.

Ҳафт кишвар буд дар фармони ман,
Муштарӣ[164] метофт дар айвони[165] ман.

Кас надонистӣ сипоҳамро шумор,
З-он, ки афзун буд рӯзи гиру дор.

---

[162] ***Мадхалӣ*** - бар он касе, ки дахлро аз харҷ афзалтар медонад, яъне ғайрисахӣ, мумсик

[163] ***Муҳташам*** - боҳашамат, бузург, соҳиби иззату ҳурмат.

[164] ***Муштарӣ*** - номи бузургтарин сайёраи манзумаи офтоб-Юпитер, ки онро Бирҷис ва Ҳурмуз низ меноманд ва мунаҷҷимони қадим онро Саъди акбар ва Қозии фалак ҳисоб мекардаанд; харидор.

[165] ***Айвон*** - кӯшк, кох, қаср.

Сад ҳазорам бандаи румӣ баном,
Сад ҳазорам бандаи зангӣ ғулом.

Сад ҳазорам банда дурр дар гӯш буд,
Сад ҳазорам турки атласпӯш буд.

Сад ҳазорам буд марди паҳлавон,
Як ба як бигзида будӣ дар ҷаҳон.

Сад ҳазорам уштурони мода буд,
Рӯзу шаб дар зери бор истода буд.

Сад ҳазорам уштури пурбор буд,
Сад ҳазорам марди ҷидахор[166] буд.

Сад ҳазорам уштурон будӣ сиёҳ,
Ҷумлагӣ дар зери полон[167] солу моҳ.

Нӯҳсадам саг буд вақти сайди боз,
Як ҳазорам буд чуғзу[168] юзу[169] боз[170].

---

166 ***Ҷидахор*** - далер, ҷангҷӯй

167 ***Полон*** - пӯшише, ки ба пушти ҳайвоноти боркаш барои бор ниҳодан ва ё савор шудан мегузоранд; пашмоканде, ки ба пушти шутур ниҳанд.

168 ***Чуғз / чуғд*** - бум (номи паранда).

169 ***Юз*** - саги шикорӣ; ҳайвони даррандаест хурдтар аз паланг, ки барои шикор дастомӯз мекунанд.

170 ***Боз*** - парандаи қавичанголи нӯлдароз, ки парандагон ва ҳайвоноти майдаро шикор мекунад.

Чорсад зан буд дар фармони ман,
Муштарӣ метофт дар айвони ман.

Даҳ ҳазорам буд канизон ҳамчу моҳ,
Ҳар яке бо зевару тоҷу кулоҳ.

Сад ҳазорам гову гӯсфанд кушта шуд,
Як ҳазорам матбахи[171] нон пухта шуд.

Матбахӣ[172] дар кор мебудӣ мудом,
Сад ҳазорам матбахӣ будӣ ғулом.

Ҷумла дарвешону мискинони шаҳр,
Аз таоми матбаҳам бурданд баҳр.

Номи ман будаст Султон Ҷамҷама,
Ман шубон будам ҳама олам рама.

Моли ман аз моли Қорун[173] беш буд,
Сад чу Қорун пеши ман дарвеш буд.

Инчунин шоҳӣ бикардам дар ҷаҳон,
Ҳоли ман ин аст, ё Исо, бидон».

---

[171] ***Матбах*** - ошхона, хонаи ошпазӣ, ошпазхона.

[172] ***Матбахӣ*** - ошпаз.

[173] ***Қорун*** - номи яке аз пулдори хасис, ки ба ғазаби Худо гирифтор шуда, бо тамоми сарваташ ба замин фурӯ рафтааст.

Гуфт Исо: «Маргро чун дидаӣ,
Лаб ба заҳри марг чун олудаӣ»?

Гуфт: «Рӯзе ман ба сайди оҳувон,
Боз гаштам сӯи қасри худ равон.

Чатри шоҳӣ бар сарам афрошта,
Дар барам кимхову[174] атлас ёфта.

Чун расидам, бар сариру[175] ҷои ман,
Ларзае бигрифт сар то пои ман.

Ҷони ман дар оташу тоб уфтод,
Ҳафт аъзоям ба ғурғоб[176]уфтод.

Ҳам ҳакимону табибони ҷаҳон,
Ҷумлагӣ ҳозир шуданд пиру ҷавон.

Як ба як меомаданд наздики мо,
Чора мекарданд, намедидам шифо.

Шарбати марг аст, мебояд чашид,
Маргро дармон кай ояд падид?

---

[174] ***Кимхо*** - матои абрешимии нафиси мунаққаши рангоранг.
[175] ***Сарир*** - ҷогаҳ, бистар, ҷои хоб; тахт, авранг, маснади шоҳӣ.
[176] ***Ғурғоб*** - ларза

Ҳафт рӯзе чун гузаштӣ дар миён,
Сурате пайдо бишуд аз осмон.

Сурате мункар[177], валекин чор даст,
Чор пояш рӯй зад, пешам нишаст.

Чангҳо будӣ чу чанголи паланг,
Чанг дар ҷонам фигандӣ бедиранг[178].

Ҳайбати аввал забонамро гирифт,
Чанг барзад, решаи ҷонам гирифт.

Мекашид аз нохунонам то миён,
Ҳоли ман ин аст, ё Исо, бидон.

Гар забон будӣ маро дар он замон,
Наъраам мерафт сӯи осмон.

Бо ҳазорон ҳасрату[179] ҷавру ҷафо,
Ҷони ман карданд аз қолаб ҷудо.

Исии Марям бигуфт: «Эй Ҷамҷама,
Бозгӯ аҳволи гӯратро ҳама.

---

[177] ***Мункар*** - инкоршаванда, бад, зишт, қабеҳ, ношоиста.

[178] ***Диранг*** - ист, таваққуф; таъхир, дермонӣ; сустӣ, оҳистагӣ (дар роҳравӣ).

[179] ***Ҳасрат*** - афсӯс, дареғ, пушаймонӣ; ғам, ғусса, андӯҳ; орзу, майл, хоҳиши сахт.

То чӣ дидӣ андар он дорулқарор,
Аз азоби гӯру аз рӯзи шумор».

Гуфт: «Тобутам ниҳоданд он замон,
Тунд бурданд аз мазорам ҳамдамон.

Халқи олам бар сарам зорикунон,
То ба қабристон расиданд мардумон.

Андар он хоки лаҳад андохтанд,
Бар сари қабрам иморат сохтанд.

Сурате будиву гӯё дар макин[180],
Ҳар яке бо як амуди оташин.

Қолабамро бар лаҳад[181] бардоштанд,
Он гаҳе бо ман ҳикоят доштанд.

«Кист Рабби ту, ба мо з-он зуд бигӯ,
В-он гаҳе пайғамбарони худ бигӯ».

Не худо дониста  не дин доштам,
Не раҳи пайғамбарӣ пиндоштам.

---

[180] ***Макин*** - макондор, соҳиби ҷою макон, барқарор.

[181] ***Лаҳад*** - гӯр, қабр; шикофи ғормонанди гӯр, ки мурдаро дар он ҷо мегузоранд.

Чун расулеро надодам ман ҷавоб,
Сахт бар ман  кард оҳанги азоб.

Зад амуде бар сари фарқам чунон,
Шуд чу хашхошам тамоми устухон.

«Кӯр будӣ ту зи сунъи Кирдгор,
Менадидӣ дар вуҷудат ошкор.

Осмонро бесутун афрошта,
Моҳу хуршед андар он анбошта.

Рӯи дунёро бидидӣ ту зи бод,
Гӯри танг аз ту намеомад ба ёд».

Ин бигуфту зад  амуде[182] бар сарам,
То ба қаҳри дӯзах афганд пайкарам[183].

Ҳафт дӯзах пур зи дуд омад падид,
Ҳафт олам пур зи рӯд[184] омад падид.

Дар миёни оташ афкананд маро,
Ё Набиюллоҳ[185], чӣ гӯям, ман туро.

---

[182] ***Амуд*** - гурз;  сутуни хайма, хона ва биноҳои дигар.
[183] ***Пайкар*** - тан, бадан, колбад, ҷасад; шакл, сурат.
[184] ***Рӯд*** - дарё, наҳр, ҷӯйбори калон.
[185] ***Набиюллоҳ*** - набии худо, пайғамбари Худо.

Шарбате бар қаҳри ҷони ман ниҳод,
Шарбати обам ҳаме омад ба ёд.

Об медоданд гоҳе, ҳам таъом,
Дар миёни дӯзахам доданд мақом.

Сад ҳазорам мору каждум мегазид,
Сад ҳазорам шер ҳар сӯ медарид.

Сесаду панҷоҳ сол аст инчунин,
Будаам бо аҳли дӯзах ҳамнишин.

Исии Марям бирафт аз ҳуш боз,
Чун ба ҳуш омад, бигуфт: «Эй бениёз.

Офариди халқро аз сунъи[186] пок,
Пас залил афгандаӣ бар рӯи хок.

Ё Иллоҳо, ҳеҷ мӯъминро масӯз,
Пардаи мӯъмин ба лутфи[187] худ бидӯз.

Зинда гардон баъд аз ин ин мурдаро,
Зинда гардон то тавонӣ мурдаро.

Чунки буд ҳукми Худованди дуруд,
Ҷамҷама ҷонаш биёмад дар вуҷуд.

Баъд аз ин чил соли дигар зинда буд,
Бо намозу тоату бо саҷда буд.

---

[186] ***Сунъ*** - эҷод ва офариниш; он чи сохта ва офарида шудааст.
[187] ***Лутф*** - нармӣ, мулоимат, назокат; эҳсон, бахшиш.

Дар намозу рӯза мебудӣ мудом,
Аз чаҳор рӯз андаке хӯрдӣ таом.

Тоаташ даргоҳи Яздон баргирифт,
Баъд аз он бо дину бо имон гирифт.

Он чи андар шоири-ш Аттор кард,
Бингарист ин номаро изҳор[188] кард.

Ин ҳикоят гуфт аз пири куҳан,
Ҷамъ овард ин қасида дар сухан.

То бидонанд ҷумлагӣ пиру ҷавон,
К-андар ин Раҳмон биёяд, шуд равон.

Дорам умеде зи лутфи Кирдгор,
Авф[189] фармояд гуноҳи бешумор.



[188] ***Изҳор*** - зоҳир кардан, ошкор кардан; фаҳмондан; баён.
[189] ***Авф*** - бахшидан, гузаштан аз гуноҳ.

## ҲИКОЯИ ЗАНИ ПОРСО

### *(Аз маснавии «Илоҳинома»-и Фаридиддини Атор)*

Зане будаст бо ҳусну ҷамоле,
Шабу рӯз аз руху зулфаш мисоле.

Хушиву хубии бисёр будаш,
Салоҳу[190] зуҳд[191] бо он ёр будаш.

Ба хубӣ дар ҳама олам алам буд,
Малоҳат[192] дошт, ширинеш ҳам буд.

Ба ҳар мӯе, ки дар зулф он санам дошт,
Хам аз панҷаҳ фузуну шаст кам дошт.

Ду чашму абрӯи ӯ “сод”-у “нун” буд,
Далелаш насси қотеъ[193] не, ки нун[194] буд.

Чу бигшодӣ ақиқи дурфишонро,
Ба оби Хизр[195] куштӣ саркашонро.

---

[190] ***Салоҳ*** - накӯкорӣ.

[191] ***Зуҳд*** – парҳезгорӣ, порсоӣ, тарки дунё.

[192] ***Малоҳат*** - ҳусни расо, ситорагармӣ, ҷозибадорӣ; шӯрӣ, намакинӣ.

[193] ***Насси қотеъ*** – далели бурро ва раднашаванда, бурҳони ошкоро; Ҳукми Қуръон, оят.

[194] ***Нун*** – акнун, ҳоло, дар ҳамин замон.

Садаф гӯӣ лаби хандони ӯ буд,
Ки марворид-ш аз дандони ӯ буд.

Чу марвориди зери лаъли хандон-ш,
Гуҳардорӣ намудӣ дурри дандон-ш.

Занахдонаш[196] чу заррин себ будӣ,
Зи себаш қисми халқ осеб будӣ.

Фалак аз рӯи нақши ӯ чунон буд,
Ки саргардон чу ушшоқаш[197] ба ҷон буд.

Касоне дар сухан дурр мефишонданд,
Ба ном ӯро ҳаме «Марҳума»[198] хонданд.

Зане буд ӯ, ки даври чархи гардон,
Шумурдиш аз шумори шермардон.

Магар шӯе, ки он зан дошт ногоҳ,
Барои Ҳаҷ равона гашт дар роҳ.

---

[195] ***Оби Хизр*** - оби ҳаёт, ки гӯё танҳо Хизри пайғамбар роҳи онро ёфта, нӯшидааст ва зиндаи ҷовид аст.

[196] ***Занахдон*** - занах, манаҳ.

[197] ***Ушшоқ*** – ҷамъи ошиқ.

[198] ***Марҳума*** – раҳм кардашуда; бахшидашуда, афвкардашуда; вафотёфта.

Яке кеҳтар[199] бародар дошт он мард,
Валекин буд марде ноҷавонмард.

Васият кард аз баҳри аёлаш,
Ки то тимор медорад ба молаш.

Ба ҳаҷ шуд оқибат чун ин сухан гуфт,
Бародар он чи фармудаш, пазируфт.

Барои ҳукми ӯ бинҳод танро,
Басе тимордорӣ кард[200] занро.

Шабонрӯзӣ ба кори ӯ баристод,
Ба нав ҳар соаташ чизе фиристод.

Ба гоҳе сӯи он зан рафт як рӯз,
Бидид аз парда рӯйи он дилафрӯз.

Дилаш аз даст рафту сарнагун[201] шуд,
Ғалат[202] кардам, чӣ мегӯям, ки хун шуд.

Чунон дар доми он дилдор афтод,
Ки сад амраш ба як дам кор афтод.

---

[199] ***Кеҳтар*** – хурд, муқобили меҳтар.
[200] ***Тимордорӣ кардан*** – яъне ғамхорӣ, парасторӣ кардан.
[201] ***Сарнагун*** - сарозер, каллапо, вожгун.
[202] ***Ғалат*** - хатое, ки нафаҳмида содир шудааст; хато, саҳв, иштибоҳ.

Басе бо ақли худ зеру забар шуд,
Вале ҳар лаҳза ишқаш гармтар шуд.

Чу кораш ҷуз ба зан барменаомад,
Даме бо хештан барменаёмад.

Чу ғолиб гашт ишқу шуд хирад зуд,
Кушода кард бо зан кори х(в)ад зуд.

Ба худ хондаш ба зӯру зарру зорӣ,
Бадар ронд он зан аз пешаш ба хорӣ.

Бад-ӯ гуфто: –Надорӣ аз Худо шарм,
Бародарро чунин медорӣ озарм![203]

Бирав, тавба гузину бо Худо гард,
В-аз ин андешаи фосид[204] ҷудо гард.

Ба зар он мард гуфто: –Нест судат,
Маро хушнуд бояд кард зудат?!

Вагарна рӯй тобам аз ғами ту,
Туро расво кунам, гирам ками ту!

---

[203] ***Озарм*** - шарму ҳаё; адолат, инсоф; ғам, ғусса, андӯҳ; иззат, ҳурмат.

[204] ***Фосид*** - вайроншуда; бад, вайрон, ба роҳи хато ва бадкирдорӣ рафтан.

Ҳам акнун дар ҳалок андозамат ман,
Ба коре саҳмнок андозамат ман.

Занаш гуфт: – Аз ҳалокат нест бокам[205],
Ҳалоки ин  ҷаҳон на з-он ҳалокам.

Магар тарсид он марди бадафъол,
Ки баргӯяд бародарро зан он ҳол.

Бирафт он шуму дафъи хештанро,
Ба  зар бигрифт ҳоле чор танро.

Ки то доданд он шумон гувоҳӣ,
Ки кардаст аз зино[206] ин зан табоҳӣ[207].

Чу қозиро қабул афтод кораш,
Муайян кард ҳоле сангсораш.

Бибурдандаш ба саҳро бар сари роҳ,
Равон карданд санг аз чор сӯг[208] оҳ.

Чу санги беадад бар зан равон шуд,
Гумон афтодашон к-аз зан равон шуд[209].

---

[205] ***Бок*** - тарс, хавф, бим.

[206] ***Зино*** - хуфтухоби беникоҳи зану мард, омезиши номашруҳи зану мард.

[207] ***Табоҳ*** - хароб, вайрон, фосид.

[208] ***Сӯг*** - мусибат; азо, мотам; ғаму андӯҳ.

Барои ибрати халқи ҷаҳонаш,
Раҳо  карданд он ҷо ҳамчунонаш.

Зани  бечора бар ҳомун[210] бимонда,
Миёни хок, ғарқи хун бимонда.

Чу шаб бигзашт рӯз афтод оғоз,
Зан омад вақти субҳ андак ба худ боз.

Ба зориву низоре[211] нола мекард,
Зи наргис[212] заъфарон[213] пуржола мекард.

Як аъробӣ[214] ба уштур субҳгоҳе,
Магар он рӯз меомад зи роҳе.

Шунид он нолаву бехештан шуд,
Фуруд омад зи уштур пеши зан шуд.

---

[209] Яъне хаёл карданд, ки ҷони зан аз танаш берун шуд.

[210] ***Ҳомун*** - саҳро ва замини ҳамвору холӣ аз баландию пастӣ, водӣ, замини ҳамвор ва дашти сахт бошад, ки қабули борон накунад, сатҳи муставӣ.

[211] ***Низор*** - хароб, лоғар; суст, заиф; афсурда, ранҷур.

[212] ***Наргис*** - чашм, чашми маҳбуба; номи гиёҳи пиёзбехи хурду нозук, ки гулҳои хушбӯи сафед ё зард дорад.

[213] ***Заъфарон*** - гиёҳе, ки гулҳои зарди хушбӯй дорад ва ба хӯрок барои таъму рангу бӯй ба кор бурда мешавад; зардранг, зард; зар, тилло.

[214] ***Аъробӣ*** - араби бодиянишин.

Бипурсидаш, ки эй зан, кистӣ ту?
Ки ҳамчун мурдае мезистӣ ту.

Занаш гуфто, ки ман бемору зорам,
Аъробӣ гуфт: - Ман тимордорам!

Нишондаш бар шутур, бурдаш ба таъҷил[215],
Ба сӯи хонаи худ кард таҳвил[216].

Таъаҳҳуд[217] кард бисёре шабу рӯз,
Ки то бо ҳоли худ шуд он дилафрӯз.

Дигар раҳ тоза шуд гулнори рӯяш,
Зи  сар дар ҳалқа зад зуннори мӯяш.

Зи зери сангсор ӯ ошкоро,
Чунон омад, ки лаъл[218] аз санги хоро.

Аъробӣ чун ҷамоли ӯ чунон дид,
Ба хуни хеш ҳукми ӯ раво дид.

Зи ишқи рӯйи ӯ бехештан[219] шуд,
Зи дардаш пираҳан бар тан кафан шуд.

---

[215] ***Таъҷил*** - шитофтан, шитоб кардан, шитоб.
[216] ***Таҳвил*** – аз ҳоле ба ҳоле гузаштан; ҳавл ангехтан, тарсондан.
[217] ***Таъаҳҳуд*** – уҳдадорӣ, кореро ба зимаи худ гирифтан.
[218] ***Лаъл*** - санги қиматбаҳои сурхранги дурахшон; ранги сурх.
[219] ***Бехештан*** - бехуд, азҳолрафта.

Ба зан гуфто, ки шав ҷуфти ҳалолам,
Ки мурдам, зинда гардон аз висолам.

Занаш гуфто: – Маро чун шӯй бошад,
Чӣ гуна шӯйи дигар рӯй бошад?!

Чу аз ҳад даргузашт он меҳрубонӣ,
Ба худ хонд охир он занро ниҳонӣ.

Занаш гуфт: – Эй зи дин печида сар ту,
Наметарсӣ зи хашми додгар[220] ту?!

Маро аз баҳри Ҳақ тимор бурдӣ,
Кунун фармони девон кор бурдӣ!

Чу хайре кардаӣ ба зиён маёвар,
Халал дар каъбаи имон маёвар.

Ки чун  инро иҷобат менакардам,
Басе дидам балову санг х(в)ардам.

Кунун ту низ мехонӣ бар инам,
Намедонӣ, ки ман чун покдинам!

Агар пора кунӣ садбора шахсам,
Наёяд дар тани покиза нақсам[221].

[220] ***Додгар*** - одил, адолатпеша; яке аз сифатҳои Худо.

Бирав аз баҳри шаҳват[222], ки ронӣ,
Махар ҷонро азоби ҷовидонӣ.

Зи сидқи[223] он зани покизагавҳар,
Гирифт он марди аъробаш хоҳар.

Пушаймон гашт аз андеша кардан,
Ки кори дев буд он пеша кардан.

Ғуломе дошт аъробӣ сиёҳе,
Даромад он сияҳ ногаҳ зи роҳе.

Чу дид ӯ рӯи он зан, дил бад-ӯ дод,
Бишӯридаш[224] дилу ҷон, тан фурӯ дод.

Дилашро васли он зан орзу хост,
Валекин менашуд ин орзу рост.

Ба зан гуфто: - Шабам ман, ту чу моҳӣ,
Чаро бо ман ба ҳам будан нахоҳӣ?!

Занаш гуфт: – Ин нагардад ҳаргизат рост,
Ки аз ман хоҷаи[225] ту ин басе хост!

---

[221] ***Нақс*** – айб, камбудӣ, нуқс.

[222] ***Шаҳват*** - орзу ва шавқи нафс барои расидан ба лаззат ва манфиатҳо; майл ба ҷимоъ.

[223] ***Сидқ*** - ростӣ ва дурустӣ; ростгӯӣ ва росткорӣ; самимият, ихлос.

[224] ***Шуридан*** - ошуфта шудан; ба қаҳру ғазаб омадан, оташин шудан; ҷӯшидан.

Чу ӯ васлам наёфт, он гоҳ маҳрӯй,
Куҷо ёбӣ ту охир, эй сияҳмӯй?!

Ғуломаш  гуфт: – Мегардониям боз,
Зи ман нарҳӣ ту, то нарҳониям боз.[226]

Вагарна ҳилате созам ба мардӣ,
Ки ҳолӣ[227] з-ин висоқ[228] овора гардӣ!

Занаш гуфт: – Ончи хоҳӣ, кун, чӣ бок аст,
Ки нандешам агар қисмам ҳалок аст.

Ғулом аз вай бағоя[229]т хашмгин шуд,
Зи меҳри ӯ чунон буду чунин шуд.

Шабе бархост аз кине[230], ки ӯ дошт,
Зани хоҷа яке тифле накӯ дошт.

Бикушт он тифлро дар гоҳвора,
Пас он гаҳ бурд он хунин қатора.

---

[225] ***Хоҷа***сардор, сарвар, соҳиб, хӯҷаин.

[226] ***Зи ман нарҳӣ ту, то нарҳониям боз*** - аз ман раҳоӣ наёбӣ то раҳоям насозӣ

[227] ***Ҳолӣ*** – дарҳол, фавран, зуд.

[228] ***Висоқ*** – банд, қайд; аҳду паймон; хона, манзил, ҳарамсаро.

[229] ***Бағоят*** - ба ҳадди бисёр, хеле зиёд, бениҳоят, беандоза; ба ҳаддӣ комил, аз ҳад зиёд

[230] ***Кин*** - душманӣ, адоват, душмание, ки дар дил бошад; интиқом, қасос.

Ба зери болини он зан ниҳон кард,
Ки он хун ин зани номеҳрубон кард.

Саҳаргаҳ модари он куштаи зор,
Зи баҳри шир додан гашт бедор.

Бидид он тифлро сар бубрида боз,
Баровард аз дили пурдард овоз.

Фиғоневу хуруше дар ҷаҳон баст,
Ду гесуро[231] буриду дар миён баст.

Талаб карданд он, то он кӣ кардаст,
Чунон бечораро беҷон кӣ кардаст?!

Зи зери болиши зан ошкора,
Бурун омад яке хунин қатора.

Ҳама гуфтанд: – Зан кардаст ин кор,
Бикушт ин нобакор ӯро чунин зор!

Ғуломи модари тифл он ҷавонро,
На чандон зад, ки битвон гуфт онро.

Аъробӣ омаду гуфт: – Эй зан охир,
Чи бад кардам ба ҷони ту ман охир?!

---

[231] ***Гесу*** - мӯи дарози занон, мӯи бофтаи занон, печа, милла.

Ки куштӣ кӯдакеро ҳамчу моҳӣ,
Натарсидӣ зи хуни бегуноҳӣ?!

Занаш гуфт: – Ин ки дар олам нишон дод,
Худоят, эй бародар ақл аз он дод.

Ки то ақлу хирадро кор бандӣ,
Ҳаме аз ақл ё бебаҳрамандӣ[232]?

Бубин аз чашми ақл, эй покдоман,
Ту ин чандин накӯӣ карда бо ман.

Гирифта хоҳар аз баҳри Худоям,
Басе инъомҳо[233] карда бароям.

Мукофоти ту ин бошад бияндеш,
Аз ин куштан чӣ ҳурмат гардадам беш?!

Аъробӣ чун хирадманди ҷаҳон буд,
Бад-он гуфтори зан ҳамдостон буд.

Яқинаш гашт, к-он зан бегуноҳ аст,
Вале ин ҷо мақомаш на зи роҳ аст.

---

[232] ***Баҳраманд*** - бархурдор, баҳравар; насибадор; манфиатёфта.

[233] ***Инъом*** - чизеро ба касе бе бадал бахшидан,неъмат додан, эҳсон кардан; ато, бахшиш, ҳадя.

Ба зан гуфто: – чу афтод инчунин кор,
Туро бар дил бувад з-ин ҳол сад бор.

Занам чу туҳмати ин бар ту афканд,
Зи ту ёд оядаш ҳар дам зи фарзанд.

Ба ҳар соат ғами ӯ тоза гардад,
Мусибат низ беандоза гардад.

Туро бад гӯяду некӯ надорад,
В-агар ман дорамат нек, ӯ надорад.

Туро з-ин ҷо бибояд рафт озод,
Ниҳон сесад дирам ҳолӣ бар ӯ дод.

Ки инро нафқа[234] кун дар роҳ бар хеш,
Дирам бистуд зану овард раҳ пеш.

Чу лахте[235] рафт он ғамгашта дар роҳ,
Падид омад деҳе аз дур ногоҳ.

Канори роҳ доре дид барҷой,
Бад - ӯ гирд омада мардум зи ҳар ҷой.

---

[234] ***Нафқа*** – нафақа, харҷи ҳаррӯза, маъош, таъмини зиндагӣ.
[235] ***Лахт*** - ҷузъ, ҳисса, қисм, пора, қитъа.

Ҷавонеро дили пурхун ҷигарсӯз,
Магар бар дор мекарданд он рӯз.

Бипурсид он зан аз марде, ки ӯ кист,
Маро огоҳ кун, то ҷурми[236] ӯ чист?!

Бад - ӯ гуфтанд  деҳ хоси амир аст,
Ки дар бедод кардан беназир[237] аст.

Дар ин деҳ одате  ҳаст, эй мумайиз[238],
Ки ҳар к-ӯ аз хироҷе[239] гашт оҷиз.

Кашад бар дораш ин золим нагунсор,
Кунун  хоҳад кашидаш бар сари дор.

Зан ӯро гуфт: –  Худ чандаш хироҷ аст,
Ки ин соат бад-онаш эҳтиёҷ аст?!

Бад-ӯ гуфтанд ин ҳарсола пайдост,
Хироҷи ӯ бувад сесад дирам рост.

Ба дил мегуфт зан чун меҳрубоне,
Ки ӯро боз ҳар акнун ба ҷоне.

---

[236] ***Ҷурм*** - гуноҳ, айб.
[237] ***Беназир*** - бемислу монанд, беҳамто; мумтоз ягона.
[238] ***Мумайиз*** – фарққунандаи неку бад.
[239] ***Хироҷ*** - андоз аз замин ва маҳсули замин; андози сарона.

Чу ҷастӣ ту ба ҷон аз сангу аз дор,
Ба ҷон аз дор шав ӯро харидор.

Бад- эшон[240] гуфт: – Агар бидҳам ман ин мол,
Фурӯшандаш ба ман? Гуфтанд : – Дарҳол!

Ба эшон дод он сесад дирам зуд,
Ки то шуд он ҷавон фориғ[241] зи ғам зуд.

Дирам чун дод зан ҳолӣ[242] равон шуд,
Чу тире аз пайи ӯ он ҷавон шуд.

Чу рӯи зан бидид, аз ишқ ҷонаш,
Ба лаб омад, ба гардун шуд фиғонаш.

Саросема шуду фарёд мекард,
Ки аз дорам чаро озод мекард.

Ки гар ҷон додаме бар дор ногоҳ,
Набудӣ ҳаргизам чун ишқи он моҳ!

Басе бо зан бигуфту суд[243] кай дошт,
Ки зан оташ набуд он дуд кай дошт?!

---

[240] ***Эшон*** - онҳо.

[241] ***Фориғ*** - холӣ, озод аз чизе; осуда, хуш ва бо роҳат будан, осудахотир, хотирҷамъ.

[242] ***Ҳолӣ*** - дарҳол, фавран, зуд.

[243] ***Суд*** - фоида, нафъ.

Басе бо зан бигуфту кард зорӣ,
Наёвардаш аз он ҷуз шармсорӣ.

Занаш гуфто: – Муроoти[244] ман ин аст,
Ман он кардам, мукофоти ман ин аст?!

Ҷавон гуфташ: – Дилам бурдиву ҷоне,
Чӣ гуна аз ту сар тобам замоне?!

Занаш гуфто: – Гар аз ман сар натобӣ,
Сари мӯе зи васли ман наёбӣ!

Басе рафтанду гуфтанду шуниданд,
Ки то ҳар ду ба дарёе расиданд.

Бад-он соҳил яке киштӣ гарон буд,
Ҳама пуррахту пурбозоргон[245] буд.

Чу аз зан он ҷавон навмед дармонд,
Яке бозоргонро пеши худ хонд.

Ки дорам як канизак ҳамчу моҳе,
Надорад ҷуз сарафрозӣ[246] гуноҳе.

---

[244] ***Муроот*** - муомилаи нек, лутфу марҳамат, поси хотир, ҳурмат; риоя кардан ба чизе.

[245] ***Бозаргон*** - савдогар, тоҷир.

[246] ***Сарафрозӣ / сарфарозӣ*** - сарбаландӣ; ифтихормандӣ, мумтозӣ.

Надидам кас ба нофармонии ӯ,
Маро то кай зи саргардонии ӯ?!

Агарчӣ нест кас мислаш падидор,
Наям хӯи[247] бадашро ман харидор.

Басе кӯшидаам, то чанд кӯшам,
Кунунаш гар ту хоҳӣ мефурӯшам.

Бад-он бозоргон зан гуфт зинҳор,
Маро аз вай машав ҳаргиз харидор.

Ки шавҳар дораму озодам охир,
Расид аз дасти ӯ фарёдам охир.

Сухан бозоргон нашнид аз вай,
Ба диноре садаш бихрид аз вай.

Ба сад сахтеш дар киштӣ шинонданд,
В-аз он ҷо дарзамон киштӣ биронданд.

Харанда чун бидид он қадду дидор,
Ба сад ҷон гашт ишқашро харидор.

Дар он дарё дилаш дар шӯр омад,
Наҳанги[248] шаҳваташ дар зӯр омад.

[247] ***Ху*** - табиат, одат, тинат, хулқ .

Ба зан наздик шуд, он зан бияфтод,
Ки фарёдам расед, эй халқ фарёд.

Мусалмонеду ман ҳастам мусалмон,
Бар имонеду ман ҳастам бар имон.

Ман озодам, маро шавҳар ба ҷо аст,
Гувоҳи[249] содиқам[250] ин дам Худо аст.

Шуморо модару хоҳар бувад низ,
Ба зери парда дар духтар бувад низ.[251]

Касе ин бад гар андешад бар ишон,
Шавад ҳоли шумо бешак парешон.

Агар розӣ набошед андар ин кор,
Маро аз чӣ писандед ин чунин зор?!

Ғарибу аврату дарвешу хорам,
Заъифу оҷизу зору низорам.

Маранҷонед ин ҷонсӯзро беш,
Ки фардояст мар имрӯзро пеш.[252]

---

[248] ***Наҳанг*** - тимсоҳ; як навъ моҳии калон, акула; мубориз, паҳлавон.

[249] ***Гувоҳ*** - шоҳид, шаҳодатдиҳанда; далел, бурҳон.

[250] ***Содиқ*** - ростгӯй.

[251] ***Ба зери парда дар духтар бувад низ –*** дар паси парда духтар низ доред

Чу буд он зан накӯгӯю накӯдил,
Бисӯхт он аҳли киштиро бар ӯ дил.

Ба як бор аҳли киштӣ ёр гаштанд,
Нигаҳдори зану ғамхор гаштанд.

Вале ҳар кас, ки рӯи ӯ бидидӣ,
Ба сад дил ишқи рӯи ӯ гузидӣ.

Ба охир аҳли он киштӣ ба як бор,
Шуданд алқисса бар вай ошиқи зор.

Басе бо якдигар гуфтанд аз вай,
Басе он ишқ бинҳуфтанд[253] аз вай.

Чу ҳар дилро бад-ӯ буд иштиёқе[254],
Ба як раҳ ҷумла карданд иттифоқе[255].

Ки он занро фурӯ гиранд ногоҳ,
Бароранд орзӯи худ ба икроҳ[256].

---

[252] Маънои ин мисраъ чунин аст: ҳар рӯзеро фардо дар пеш аст, яъне ҳар амал оқибате дорад, некро неку бадро бад расад.

[253] ***Нуҳуфтан*** - пинҳон кардан, пӯшидан, рӯпӯш намудан.

[254] ***Иштиёқ*** - шавқмандӣ ва орзумандии қавӣ.

[255] ***Иттифоқ*** - бо ҳамдигар мувофиқат кардан, ҳамфикр шудан; розигӣ, ҳамфикрӣ, якдилӣ; иттиҳод.

[256] ***Икроҳ*** - кароҳат, нафрат; бемайлӣ, нописандӣ, норозигӣ.

Чу  зан аз ҳоли он шумон хабар шуд,
Ҳама дарё пур аз хуни ҷигар шуд.

Забон бикшод, к -эй донои асрор,
Маро аз шарри[257] ин шумон нигаҳ дор!

Надорам дар ду олам ҷуз ту касро,
Аз ин сарҳо бурун бар ин ҳавасро!

Агар рӯзӣ кунӣ маргам, тавонӣ,
Ки мурдан беҳ бувад з-ин зиндагонӣ!

Халосӣ деҳ маро, ё марг имрӯз,
Ки ман тоқат намеорам дар ин сӯз.

Маро то чанд гардонӣ ба хун дар,
Нахоҳи ёфт аз ман сарнагунтар.

Дар омад оташе з-он оби сӯзон,
Ки дарё гашт аз он оташ фурӯзон.

Ба як дам аҳли киштиро ба як бор,
Бигардонид дар оташ нагунсор.

Аз он зан оби дарё мавҷзан шуд,
Чу гуфт ин қиссаву бехештан шуд.

---

[257] ***Шар*** - бадӣ, фасод; зарарасонӣ ва бадкирдорӣ.

Ҳама хокистаре гаштанд дарҳол,
Валекин монд боқӣ ҷумларо мол.

Яке боде дар омад аз карона[258],
Ба шаҳре кард киштиро равона.

Зан он хокистар аз киштӣ бияндохт,
Чу мардон хештанро ҷомае сохт.

Ки то бирҳад зи дасти ишқбозӣ,
Кунад бар шакли мардон сарфарозӣ.

Басе халқ омаданд аз шаҳр дар роҳ,
Ғуломеро ҳамедиданд чун моҳ.

Ба танҳоӣ дар он киштӣ нишаста,
Ҷаҳоне мол бо вай танг баста.

Бипурсиданд аз он хуршедрух[259] ҳол,
Ки танҳо омадӣ, бо ин ҳама мол?!

Бад-ишон гуфт: – То шаҳ н-оядам пеш,
Нагӯям бо дигар кас қиссаи хеш!

Хабар доданд аз ӯ шаҳро, ки имрӯз,
Ғуломе даррасид алҳақ дилафрӯз.

Ба танҳоӣ яке киштӣ пур аз мол,
Биёварда, намегӯяд дигар ҳол.

---

[258] ***Карона*** - соҳил, канор; тараф, сӯ.
[259] ***Хуршедрух*** - хушрӯй, зебо.

Туро мехоҳад ӯ, то ҳол гӯяд,
Ҳадиси[260] киштиву он мол гӯяд.

Тааҷҷуб кард шоҳу шуд равона,
Биёмад пеши он моҳи замона.

Тафаҳҳус[261] кард ҳолаш шоҳи ҳушёр,
Чунин  гуфт ӯ, ки мо будем бисёр.

Ба киштӣ дарнишастему басе роҳ,
Бипаймудем доим гоҳу бегоҳ.

Чу бегорони[262] он киштем диданд,
Ба  шаҳват ҷумла меҳри ман гузиданд.

Зи Ҳақ дархостам, то Ҳақ чунон кард,
Ки дафъи шарри[263] муште бегумон кард.

Дар омад[264] оташеву ҷумларо сӯхт,
Маро бирҳонду ҷонамро барафрӯхт,

Бубин инак яке бар ҷойгоҳ аст,
Ки мардум нест, ангишти сиёҳ аст.

Маро з-ин ибрате омад падидор,
Наям ман моли дунёро харидор.

---

[260] ***Ҳадис*** - сухан, ҳикоя, нақл; ривоят.

[261] ***Тафаҳҳус*** – тафтиш кардан,  пурсуҷӯ кардан.

[262] ***Бегор*** - кори маҷбурии бемузд, ки мардум дар заминҳои амир ва амалдорон ба ҷо меоварданд; кори маҷбурӣ ва бемузд.

[263] ***Шар*** - бадӣ, фасод; зарарресонӣ ва бадкирдорӣ.

[264] ***Дар омад*** – яънепайдо шуд ба вуҷуд омад, рӯй дод

Ҳама баргир, моли бешумор аст,
Вале як ҳоҷатам аз ту ба кор аст.

Бисозӣ бар лаби баҳрам ту имрӯз,
Ибодатро яке маъбад[265] дилафрӯз.

Бигӯӣ, к-аз палиду[266] покдоман,
Набошад ҳеҷ касро кор бо ман.

Ки то чун даст дод, ин ҷо нишастам,
Шабонрӯзӣ Худоро мепарастам.

Шаҳу лашкар чу гуфтораш шуниданд,
Каромоту мақомоташ бididанд.

Чунонаш муътақид гаштанд яксар,
Ки аз ҳукмаш напечиданд як сар.

Чунонаш муъбаде[267] карданд барпой,
Ки гуфтӣ хонаи Каъба-ст барҷой.

Дар он ҷо рафту шуд машғули тоат,
Ба сар мебурд умре дар қаноъат.



[265] ***Маъбад*** – ибодатгоҳ
[266] ***Палид*** - мурдор, наҷис, олуда, ҳаром; ахлот, наҷисӣ, ифлосӣ.
[267] ***Муъбад*** - *ниг.* ***маъбад***

# ҲИКОЯТИ БАҚҚОЛУ ТӮТӢ ВА РАВҒАН РЕХТАНИ ТӮТӢ ДАР ДУККОН

***(Аз «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ)***

Буд баққолеву[268] вайро тӯтие,
Хушнавое, сабз, гӯё тӯтие.

Бар дукон будӣ нигаҳбони дукон,
Нукта гуфтӣ бо ҳама савдогарон.

Дар хитоби одамӣ нотиқ[269] будӣ,
Дар навои тӯтиён ҳозиқ[270] будӣ.

Ҷаст, аз сӯйи дукон, сӯйе гурехт,
Шишаҳои равғани гулро бирехт.

Аз сӯйи хона биёмад хоҷааш,
Бар дукон биншаст фориғ, хоҷаваш.

Дид пурравған дукону ҷома чарб[271],
Бар сараш зад, гашт тӯтӣ кал зи зарб.

---

[268] ***Баққол*** - дӯкондори озуқафурӯш, фурӯшандаи озуқа.
[269] ***Нотиқ*** - нутқкунанда, гӯянда, гапзананда.
[270] ***Ҳозиқ*** - моҳир, некдон, комил, устоди комил дар фанне.
[271] ***Чарб*** - равған; равғанӣ, равғанин.

Рӯзаке чанде сухан кӯтоҳ кард,
Марди баққол аз надомат[272] оҳ кард.

Риш бармеканду мегуфт: «Эй дареғ,
К-офтоби неъматам шуд зери меғ.

Дасти ман бишкаста будӣ он замон,
Ки задам ман бар сари он хушзабон».

Ҳадяҳо медод ҳар дарвешро,
То биёбад нутқи мурғи хешро.

Баъди се рӯзу се шаб ҳайрону зор,
Бар дукон бишшаста буд навмедвор.

Менамуд он мурғро ҳар гун ниҳуфт[273],
То ки бошад, андар ояд ӯ ба гуфт.

Ҷавлақие[274] сарбараҳна мегузашт,
Бо сари бемӯ, чу пушти тосу[275] тašт[276].

Омад андар гуфт тӯтӣ он замон,
Бонг бар дарвеш зад чун оқилон.

---

[272] ***Надомат*** - пушаймонӣ.
[273] ***Ниҳуфт*** - пинҳон, махфӣ; чизи пинҳон, сирри маҳрамона.
[274] ***Ҷавлақӣ*** - ҷавлахпӯш, пашминапӯш, қаландари жандапӯш.
[275] ***Тос*** - тašт, лаганд; ҷом, коса.
[276] ***Тašт*** - тоси калони мисӣ, лаганд, тағора; офтоб.

К-аз чӣ, эй кал бо калон омехтӣ?
Ту магар аз шиша равған рехтӣ?

Аз қиёсаш ханда омад халқро,
К-ӯ чу худ пиндошт соҳибдалқро[277].

Кори поконро қиёс[278] аз худ магир,
Гарчи монад дар набиштан шеру шир[279].

Ҷумла олам з-ин сабаб гумроҳ шуд,
Кам касе з-абдоли[280] Ҳақ огоҳ шуд.

Ҳамсарӣ бо анбиё бардоштанд,
Авлиёро ҳамчу худ пиндоштанд.

Гуфта: «Инак мо башар, эшон башар,
Мову эшон бастаи хобему х(в)ар».

Ин надонистанд эшон аз амо[281],
Ҳаст фарқе дар миён бемунтаҳо.

---

[277] ***Далқ*** - либоси пашминаи дарвешон; хирқаи қаландарон; либоси куҳна.

[278] ***Қиёс*** - андоза гирифтан миёни ду чиз, андозагирӣ, муқоиса.

[279] Калимаҳои ***шер*** ва ***шир*** ба форсӣ якхел навишта мешаванд.

[280] ***Абдол*** - мардуми шариф, солеҳ ва некӯкор; наздикони Худо, хоссони Худо, ки шумораи онҳо 70 нафар будааст.

[281] ***Амо*** - кӯрӣ, нобиноӣ; гумроҳӣ.

Ҳар ду гун занбӯр хӯрданд аз маҳал,
Лек шуд з-он нешу з-ин дигар асал.

Ҳар ду гун оҳу гиё хӯрданду об,
З-ин яке саргин шуду з-он мушки ноб.

Ҳар ду най хӯрданд аз як обх(в)ар,
Ин яке холиву он пур аз шакар.

Садҳазорон инчунин ашбоҳ[282] бин,
Фарқашон ҳафтодсола роҳ бин.

Ин хурад, гардад палидӣ з-ӯ ҷудо,
Он хурад, гардад ҳама нури Худо.

Ин хурад, зояд ҳама бухлу ҳасад
В-он хурад, зояд ҳама нури аҳад.

Ин замини поку он шӯр асту бад,
Ин фариштаи поку он дев асту дад[283].

Ҳар ду сурат гар ба ҳам монад, равост,
Оби талху оби ширинро сафост.

Ҷуз кӣ соҳибзавқ, ки шиносад? Биёб,
Ӯ шиносад оби хуш аз шӯраоб.

---

[282] ***Ашбоҳ*** - шакли ҷамъи ***шабаҳ*** - сиёҳии шакли чизе ё касе, ки аз дур дида мешавад; сиёҳ; монандӣ, шабоҳат.
[283] ***Дад*** - ҳайвони даранда монанди шер, паланг ва гург.

Сеҳрро[284] бо мӯъҷиза[285] карда қиёс,
Ҳар дуро бар макр пиндорад асос.

Соҳирони Мӯсӣ аз истезаро[286],
Баргирифта чун асои ӯ асо.

З-ин асо то он асо фарқест жарф[287],
З-ин амал то он амал роҳе шигарф[288].

Лаъnatуллаҳ[289] ин амалро дар қафо,
Раҳматуллаҳ[290] он амалро дар вафо.

Кофирон андар миро[291] бӯзинатабъ[292],
Офате омад даруни сина, табъ.

Ҳар чӣ мардум мекунад, бӯзина ҳам
Он кунад, к-аз мард бинад дам ба дам.

Ӯ гумон бурда, ки ман кардам чу ӯ,
Фарқро кай донад он истезарӯ[293]?

---

[284] ***Сеҳр*** - афсун, ҷоду.

[285] ***Муъҷиза*** - кори аз одат берун, ки эъҷози пайғамбарон аст ва дигарон аз кардани он оҷизанд.

[286] ***Истеза*** - ҷанг, ҷидол; хусумат, адоват, душманӣ.

[287] ***Жарф*** - чуқур, амиқ, бепоён.

[288] ***Шигарф*** - аҷиб, аҷиби шавқовар; боҳашамат, бошукӯҳ.

[289] ***Лаънатуллоҳ*** - нафрати Худо.

[290] ***Раҳматуллоҳ*** - меҳрубонии Худо.

[291] ***Миро*** - ситезакорӣ, хусумат, ҷидол ва ситеза кардан.

[292] ***Бӯзина*** - маймун, маймуни хурд; ҳамдуна.

Ин кунад аз амр в-ӯ баҳри ситез,
Бар сари истезарӯён хок рез.

Он мунофиқ бо мувофиқ дар намоз,
Аз пайи истеза ояд, на ниёз.

Дар намозу рӯзаву ҳаҷҷу закот,
Бо мунофиқ мӯъминон дар бурду мот.

Мӯъминонро бурд бошад оқибат,
Бар мунофиқ мот, андар охират.

Гарчи ҳар ду бар сари як бозиянд,
Ҳар ду бо ҳам марвазиву[294] розиянд.

Ҳар яке сӯйи мақоми худ равад,
Ҳар яке бар вифқи[295] номи худ равад.

Мӯъминаш хонанд, ҷонаш х(в)аш шавад
В-ар мунофиқ, тезу пуроташ шавад.

Номи ӯ маҳбуб[296] аз зоти вай аст,
Номи ин мабғуз[297] аз офоти вай аст.

---

[293] ***Истезарӯ*** - саркаши хашмгин, пурғазаб; ҷангара.

[294] ***Марвазӣ*** - он кӣ зодгоҳи ӯ шаҳри Марв аст; сокини ва муқими шаҳри Марв.

[295] ***Вифқ*** - мувофиқат, созгорӣ, ҳамоҳангии миёни ду чиз.

«Мим»-у «вов»-у «мим»-у «нун» ташриф нест,
Лафзи «мӯъмин» ҷуз пайи таъриф нест.

Гар мунофиқ хонияш, ин номи дун[298],
Ҳамчу каждум мехалад дар андарун.

Гар на ин ном иштиқоқи[299] дӯзах аст,
Пас чаро дар вай мазоқи[300] дӯзах аст.

Зиштии он номи бад аз ҳарф нест,
Талхии он оби баҳр аз зарф нест.

Ҳарф зарф омад, дар ӯ маънӣ чу об,
Баҳри маънӣ, индаҳу Уммулкитоб[301].

Баҳри талху баҳри ширин дар ҷаҳон,
Дар миёншон «барзахун ло ябғиён»[302].

---

[296] ***Маҳбуб*** - муҳаббат бастaшуда, касе ки аз тарафи дигаре дӯст дошта шудааст, дӯст доштaшуда.

[297] ***Мабғуз*** - ба хашму ғазаб гирифторшуда, нафрат кардашуда, бад дидашуда.

[298] ***Дун*** - паст, зер, поин, фуруд; мардуми паст, нокас, фурӯмоя.

[299] ***Иштиқоқ*** - сохтани калимае аз калимаи дигар, калимасозӣ; баромадан, ҳосил шудан.

[300] ***Мазоқ*** - қувваи зоиқа, ҳисси таъмгирӣ, чашоӣ; табиат; ҳазлу шӯхӣ, хуштабиатӣ, зарофат.

[301] ***Индаҳу Уммулкитоб*** - Уммулкитоб назди ӯст, яъне Қуръонро Худо нигоҳдоранда аст.

[302] ***Барзахун ло ябғиён*** - ҳиҷобе ҳаст, ки ба ҳам намерасанд (қисмате аз ояти 20-и сураи Раҳмон аз Қуръон).

В-он гаҳ ин ҳар ду зи як асле равон,
Баргузар з-ин ҳар ду, рав то асли он.

Зарри қалбу зарри некӯ дар иёр[303],
Бемиҳак[304] ҳаргиз надонӣ з-эътибор.

Ҳар киро дар ҷон Худо бинҳад миҳак,
Ҳар яқинро боздонад ӯ зи шак.

Дар даҳони зинда хошоке ҷаҳад,
Он гаҳ оромад, ки берунаш ниҳад.

Дар ҳазорон луқма як хошоки хурд,
Чун даромад, ҳисси зинда пай бибурд.

Ҳисси дунё нардбони[305] ин ҷаҳон,
Ҳисси динӣ нардбони осмон.

Сиҳҳати ин ҳис биҷӯед аз табиб,
Сиҳҳати он ҳис биҷӯед аз ҳабиб.

Сиҳҳати ин ҳис зи маъмурии[306] тан,
Сиҳҳати он ҳис зи тахриби[307] бадан.

---

[303] ***Иёр*** - дараҷаи софӣ ва холисии тилло ва нуқра; меъёр ва тарозуи зарсанҷ.

[304] ***Миҳак*** - санги сиёҳе, ки тило ва нуқраро бо он соида меозмоянд ва иёр мекунанд.

[305] ***Нардбон*** - зина, зинапоя.

Роҳи ҷон мар ҷисмро вайрон кунад,
Баъд аз он вайронӣ ободон кунад.

Кард вайрон хона баҳри ганҷи зар,
В-аз ҳамон ганҷаш кунад маъмуртар.

Обро бибриду ҷӯро пок кард,
Баъд аз он дар ҷӯ равон кард оби х(в)ард.

Пӯстро бишкофт, пайконро[308] кашид,
Пӯст тоза баъд аз онаш бардамид.

Қалъа вайрон карду аз кофир ситад[309],
Баъд аз он барсохташ сад бурҷу сад.

Кори бечунро кӣ кайфият[310] ниҳад?
Ин ки гуфтам, ин зарурат медиҳад.

Гаҳ чунин бинмояду гаҳ зидди ин,
Ҷуз ки ҳайронӣ набошад кори дин.

---

[306] ***Маъмур*** - амр кардашуда, фармонёфта барои иҷрои коре, фармонбардор, мутеъ.

[307] ***Тахриб*** - вайрон кардан, хароб кардан.

[308] ***Пайкон*** - нӯги тези найза ва тир, синон; найза, тир.

[309] ***Ситад*** - додугирифт; муомилаи савдо ва тиҷорат, харидуфурӯш; дасти касеро аз коре кӯтоҳ кардан, озодии кор ва мухторӣ аз касе гирифтан.

[310] ***Кайфият*** - чигунагӣ; ҳолат, аҳвол; моҳият.

На чунон ҳайрон, ки пушташ сӯйи ӯст,
Бал[311] чунон ҳайрону ғарқу масти дӯст.

Он якеро рӯйи ӯ шуд сӯйи дӯст,
В-он якеро рӯйи ӯ худ рӯйи ӯст.

Рӯйи ҳар як менигар, медор пос,
Бу, ки гардӣ ту зи хидмат рӯшинос.

Чун басе Иблиси одамрӯй ҳаст,
Пас ба ҳар дасте нашояд дод даст.

З-он ки сайёд оварад бонги[312] сафир[313],
То фиребад мурғро он мурғгир.

Бишнавад он мурғ бонги ҷинси хеш,
Аз ҳаво ояд, биёбад дому неш.

Ҳарфи дарвешон бидуздад марди дун,
То бихонад бар салиме з-он фусун[314].

Кори мардон рӯшаниву гармӣ аст,
Кори дунон ҳилаву бешармӣ аст.

---

[311] ***Бал*** - шакли кӯтоҳшудаи балки.

[312] ***Бонг*** - фарёд; овоз, садо, махсусан садои баланд.

[313] ***Сафир*** - фиристода, вакил, элчӣ; миёнарав; ҳуштак; хониш ва овози паррандаҳо, садои паррандаҳои ваҳшӣ.

[314] ***Фусун*** - шакли дигари ***афсун*** - сеҳр, ҷоду; ҳила, тазвир, макр, фиреб.

Шери пашмин аз барои гад кунанд,
Бӯмусайлимро[315] лақаб Аҳмад[316] кунанд.

Бӯмусайлимро лақаб «каззоб» монд,
Мар Муҳаммадро «улув албоб»[317] монд.

Он шароби Ҳақ хитомаш[318] мушки ноб,
Бодаро хатмаш бувад ганду азоб.



---

[315] ***Бӯмусайлиб (Мусайлиби каззоб)*** - нафаре, ки ҳанӯз дар замони пайғамбари Худо даъвии пайғамбарӣ карда буд.

[316] ***Аҳмад*** - сутудатар, ҳамидатар; яке аз номҳои ҳазрати Муҳаммад (с).

[317] ***Улув албоб*** - хирадманд, соҳиби андешаи баланд (аз ду калима сохта шудааст: ***улув*** - бартарӣ, баландӣ ва ***албоб*** - ҷамъи ***луб*** - ақл, хирад, мағз).

[318] ***Хитом*** - он чи, ки бо он чизеро мӯҳр мекунанд; поён, охир, тамом, анҷом.

## ҲИКОЯИ ОН АЪРОБӢ ВА САГИ Ӯ

***(аз «Маснавии маънавӣ» - и Ҷалолуддини Балхӣ)***

Он саге мемурду гирён он араб,
Ашк мебориду мегуфт: «Эй кураб!»

Соиле бигзашту гуфт: «Ин гиря чист,
Навҳаву зории ту аз баҳри кист?»

Гуфт: «Дар милкам саге буд некхӯ,
Нак ҳамемирад миёни роҳ ӯ.

Рӯз сайёдам буду шаб посбон,
Тезчашму сайдгиру дуздрон».

Гуфт: «Ранҷаш чист, захме хӯрдааст»?
Гуфт: «Ҷуъ[319]-ул-калб[320] зораш кардааст».

Гуфт: «Сабре кун бар ин ранҷу ҳараз[321],
Собиронро фазли Ҳақ бахшад иваз».

Баъд аз он гуфташ, ки «Эй солори ҳур,
Чист андар дастат ин анбони[322] пур?»

---

[319] ***Ҷуъ*** **-** гушнагӣ**.**
[320] ***Калб*** - саг.
[321] ***Ҳараз*** **-** беморӣ**.**
[322] ***Анбон*** - халтаи чармини сафарӣ; озуқахалта.

Гуфт: «Нону зоду[323] лути[324] души ман,
Мекашонам баҳри тақвити[325] бадан».

Гуфт: «Чун надҳӣ бад-он саг нону зод?»
Гуфт: «То ин ҳад надорам меҳру дод.

Даст н-ояд бе дирам дар роҳ нон,
Лек ҳаст оби ду дида ройгон».

Гуфт: «Хокат бар сар, эй пурбод машк[326],
Ки лаби нон пеши ту беҳтар зи ашк.

Ашк хун асту ба ғам обе шуда,
Менаярзад хок хуни беҳуда.

Кулли худро хор кард ӯ чун балис.
Пораи ин кулл набошад ҷуз хасис.

Ман ғуломи он, ки нафрӯшад вуҷуд,
Ҷуз бад-он Султони боифзолу ҷуд.

Чун бигиряд осмон гирён шавад,
Чун бинолад, чарх «Ё Раб»-хон шавад.

Ман ғуломи он миси ҳимматпараст,
К-ӯ ба ғайри кимиё н-орад шикаст.

---

[323] ***Зод*** **–** тӯша, ғизо.
[324] ***Лут*** **–** хӯроки лазиз.
[325] ***Тақвит (тақвият)*** **–** қувват бахшидан.
[326] ***Машки пурбод*** - киноя аз одати беҳудагӯ, лофзани аҳмақ.

Дасти ишқаста баровар дар дуо,
Сӯи ишқаста парад фазли Худо.

Гар раҳойӣ боядат з-ин чоҳи танг,
Эй бародар, рав бар озар бе диранг.

Макри Ҳақро бину макри худ биҳил,
Эй зи макраш макри маккорон хиҷил.

Чунки макрат шуд фанои макри Раб,
Баргушоӣ як камине булъаҷаб[327].

Ки каминаи он камин бошад бақо,
То абад андар уруҷу[328] иртиқо[329].

Аз барои ин камин саъйе макун,
То бари бӯе зи илми «Мин ладун».



---

[327] ***Булъаҷаб*** - аҷиб, ғалатӣ, тааҷҷубовар.
[328] ***Уруҷ*** - боло баромадан, ба баландӣ рафтан.
[329] ***Иртиқо*** - боло рафтан, боло шудан; болоравӣ; ба мартабаи баланд расидан, тараққӣ кардан.

# ҲИКОЯИ НӮШЕРВОН БО ВАЗИРИ ХУД

***(Аз маснавии «Махзан –ул - асрор» - и Низомии Ганҷавӣ)***

Сайдкунон маркаби[330] Нушервон[331],
Дур шуд аз кавкабаи[332] хусравон.

Мӯниси хусрав шуда дастуру бас,
Хусраву дастуру дигар ҳеҷ кас.

Шоҳ дар он ноҳияти сайдёб,
Дид деҳе, чун дили душман хароб.

Танг ду мурғ омада дар якдигар,
В-аз дили шаҳ қофияшон[333] тангтар.

Гуфт ба дастур, чӣ дам мезананд,
Чист сафире, ки ба ҳам мезананд?

Гуфт вазир: «Эй малики рӯзгор,
Гӯям агар, шаҳ бувад омӯзгор.

---

330 ***Маркаб*** - ҳайвони саворӣ.

331 ***Нушервон*** - номи яке аз шоҳони одил.

332 ***Кавкаба*** - ҷамоат, гурӯҳи одамон; дастаи саворони ҳамроҳи подшоҳ ё одами бузург; ҳашамат, дабдаба.

333 ***Қофия*** - пушти гардан; калимаҳои ҳамшакл ва ҳамоҳанг, ки дар охири ду ё чанд мисраъ меоянд; ***қофия танг сохтан*** - кори касеро ба душворӣ дучор кардан.

Ин ду наво н-аз пайи ромишгарист[334],
Хутбае[335] аз баҳри заношавҳарист».

Духтаре ин мурғ ба он мурғ дод,
Ширбаҳо[336] хоҳад аз ӯ бомдод.

К-ин деҳи вайрон бигузорӣ ба мо,
Низ чунин чанд супорӣ ба мо.

Он  дигараш гуфт, к-аз ин даргузар,
Ҷаври малик[337] бин, бирав ғам мах(в)ар!

Гар малик ин аст, на бас рӯзгор,
З-ин деҳи вайрон диҳамат сад ҳазор.

Дар малик ин лафз чунон даргирифт,
К-оҳ баровард у фиғон даргирифт.

Даст ба сар барзаду лахте гирист,
Ҳосили бедод ба ҷуз гиря чист?

З-ин ситам ангушт ба дандон газид,
Гуфт: «Ситам бин, ки ба мурғон расид.

---

[334] ***Ромишгар*** - хонанда ва навозанда, мутриб, сурудхон, муғаннӣ.

[335] ***Хутба*** - муқаддима, сароғози китобҳо, ки дар ҳамду наът баён меёбад; ваъз.

[336] ***Ширбаҳо*** - ҷиҳози арӯсӣ, ки домод медиҳад, қалин, маҳр.

[337] ***Малик*** - подшоҳ, султон; соҳиби мулк; яке аз номҳои Худо.

Ҷавр нигар, к-аз ҷиҳати хокиён,
Ҷуғд нишонам бадали мокиён.

Эй мани ғофил шуда дунёпараст!
Баски занам бар сар аз ин кор даст.

Моли касон чанд ситонам[338] ба зӯр,
Ғофилам аз мурдану фардои гӯр.

То кайю кай дастдарозӣ кунам,
Бар сари худ бин, ки чӣ бозӣ кунам?

Мулк бад-он дод маро Кирдгор[339],
То накунам он чӣ наояд ба кор.

Ман, ки мисамро[340] ба зар андудаанд,
Мекунам онҳо, ки нафармудаанд.

Номи худ аз зулм чаро бад кунам?
Зулм кунам, вой ки бар х(в)ад кунам!

Беҳтар аз ин дар дилам озарм бод,
Ё зи Худо ё зи худам шарм бод!

---

[338] ***Ситондан*** - гирифтан; ба зӯр гирифтан, кашида гирифтан.
[339] ***Кирдгор*** - офаринанда, офаридгор (сифати Худо).
[340] ***Мис*** - фулузи серистеъмоли сурхранг;

Зулм шуд имрӯз тамошои ман,
Вой ба расвоии фардои ман.

Сӯхтанӣ шуд тани беҳосилам,
Сӯзад аз ин ғусса дилам бар дилам.

Чанд ғубори ситам ангехтан,
Оби худу хуни касон рехтан.

Рӯзи  қиёмат зи ман ин турктоз[341],
Боз бипурсанду бипурсанд боз.

Шармзадам, чун нанишинам хиҷил[342],
Сангдилам, чун нашавам тангдил.

Бингар, то чанд  маломат[343] барам,
К-ин хиҷилро ба қиёмат барам.

Бори ман аст, он чӣ маро борагист[344],
Чораи ман бар ман бечорагист.

З-ин гуҳару[345] ганҷ, ки натвон шумурд,
Сом чӣ бардошт, Фаридун[346] чӣ бурд?

---

[341] ***Турктоз*** - ба ногаҳ ҳуҷум овардан, нохост ҳамла кардан барои тароҷу куштор.

[342] ***Хиҷил*** - ба хиҷолат монда, шармзада; шарманда.

[343] ***Маломат*** - сарзаниш, накӯҳиш, таъна.

[344] ***Борагӣ*** - асп, фарас.

[345] ***Гуҳар / гавҳар*** - марворид, санги қиматбаҳо; ҷавҳар.

То ман аз ин амру вилоят, ки ҳаст,
Оқибат-ул-амр чӣ орам ба даст?

Шоҳ дар ин бора чунон гарм гашт,
К-аз нафасаш наъли фарас[347] нарм гашт.

Чунки ба лашкаргаҳу роят расид[348],
Бӯи навозиш ба вилоят расид.

Ҳолӣ[349] аз он хитта[350] қалам баргирифт,
Расми баду роҳи ситам баргирифт.

Дод бигустурду ситам дарнабашт[351],
То нафаси охир аз он барнагашт.

Баъди басе гардиши бахтозмой,
Ӯ шуда в-овозаи адлаш баҷой.

Ёфта дар хиттаи соҳибдилӣ,
Сиккаи[352] номаш рақами одилӣ.

---

[346] ***Фаридун*** - номи яке аз шоҳон, писари Обтин ва аз тобори Ҷамшед аст, ки бо ёри Коваи Оҳангар бар Заҳҳоки ситамгар чира шуда ва ӯро дар кӯҳи Дамованд зиндонӣ мекунад.

[347] ***Фарас*** - асп.

[348] ***Роят*** - парчам, байрақ, алам, ливо, дирафш.

[349] ***Ҳолӣ*** - дарҳол, фавран, зуд; акнун; вақте; ороишёфта, ороста.

[350] ***Хитта*** - замине, ки барои иморат гирдогирди он хат кашидаанд; вилоят; шаҳри калон; хок, замин; нақша, харита.

[351] ***Дарнабашт*** – накард, роҳ надод

Оқибати  нек саранҷом ёфт,
Ҳар кӣ дари адл зад, ин ном ёфт.

Умр ба хушнудии дилҳо гузор,
То зи ту хушнуд бувад Кирдгор.

Сояи хуршедсаворон талаб,
Ранҷи худу роҳати ёрон талаб.

Дардситонӣ куну дармондеҳӣ,
То-т расонанд ба фармондеҳӣ.

Гарм шав аз меҳру зи кин[353] сард бош,
Чун Маҳу Хуршед ҷавонмард бош.

Ҳар ки ба некӣ амал оғоз кард,
Некии ӯ рӯй бад-ӯ боз кард.

Гунбади гарданда[354] зи рӯи қиёс,
Ҳаст ба некиву бадӣ ҳақшинос.

Тоат кун, рӯй битоб аз гуноҳ,
То нашавӣ чун хиҷилон узрхоҳ.

---

[352] ***Сикка*** - оҳане, ки бо он ба филиззот мӯҳр мезананд; оҳане, ки бо он пул зарб мезананд; пули зарбшудаи филизӣ, пуле, ки ба рӯяш номи подшоҳ зарб шудааст.

[353] ***Кин*** - душманӣ, адоват, душмание, ки дар дил бошад; интиқом, қасос; ҷанг.

[354] ***Гунбади гарданда*** - ишора ба фалаки гарданда, осмон.

Ҳосили дунё чу яке соат аст,
Тоат кун, к-аз ҳама беҳ тоат аст.

Узр маёвар, на ҳиял[355] хостанд,
Ин сухан аст, аз ту амал хостанд.

Гар ба сухан кор муяссар шудӣ,
Кори Низомӣ ба фалак баршудӣ.



[355] ***Ҳиял - ҷамъи ҳилла*** - макр, фиреб; дасиса; чора тадбир.

# ДОСТОНИ ПИРАЗАН БО СУЛТОН САНҶАР

***(Аз маснавии «Махзан –ул - асрор» - и Низомии Ганҷавӣ)***

Пирзанеро ситаме даргирифт,
Даст заду домани Санҷар[356] гирифт.

К-эй малик, озарми ту кам дидаам,
В-аз ту ҳамасола ситам дидаам.

Шаҳнаи[357] маст омада дар кӯи ман,
Зад лагаде сахт фарорӯи ман.

Бегунаҳ аз хона ба рӯям кашид,
Мӯйкашон бар сари кӯям кашид.

Дар ситамободи ҷаҳонам ниҳод,
Муҳри ситам бар дари хонам ниҳод.

Гуфт фалон нимшаб, эй кужпушт,
Бар сари кӯи ту фалонро кӣ кушт?

---

[356] ***Санҷар*** - лақаби султон Муҳаммад Хоразмшоҳ; Ибни Маликшоҳ, Муизиддин Абулҳорис Аҳмад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ, охирин подшоҳ аз Салҷуқиёни бузург. Бино ба қавли муаррихон дар зарф 40 соли иморат ва салтанати ӯ дар Хуросон 19 фатҳ насиби вай гардид.

[357] ***Шаҳна*** - посбони шаҳр; одаме, ки аз тарафи подшоҳ барои забти корҳо ва назорат ба мардум таъин мешуд.

Хонаи ман ҷуст, ки хунӣ куҷост,
Эй шаҳ, аз ин беш забунӣ куҷост?

Шаҳна бувад маст, ки он хун кунад,
Арбада[358] бо пиразане чун кунад?

Ратлзанон[359] дахли[360] вилоят баранд,
Пиразанонро ба ҷиноят баранд.

Он ки дар ин зулм назар доштаст,
Ситри[361] ману адли ту бардоштаст.

Кӯфта шуд синаи маҷрӯҳи ман,
Ҳеҷ намонд аз ману аз рӯҳи ман.

Гар надиҳӣ доди ман, эй шаҳриёр,
Бо ту равад рӯзи шумор ин шумор.

Довариву дод намебинамат,
В-аз ситам озод намебинамат.

Аз маликон қуввату ёрӣ расад,
Аз ту ба мо бин, ки чӣ хорӣ расад?

---

[358] ***Арбада*** - доду фарёд ва ҷанҷолу хархаша ҳамроҳ бо ситезаҷӯӣ ва пархошгарӣ; тундхӯӣ, бадхулқӣ, хархаша, ҷанҷол, ғавғо; ҷангарагӣ.

[359] ***Ратл*** - пиёла, паймона, ҷом, қадаҳ; пиёлаи шароб; ченаки вазн, баробари 449,28 г.

[360] ***Дахл*** – бойгарӣ, он чизе, ки даромад мешавал

[361] ***Ситр*** - парда; шарму ҳаё.

Моли ятимон ситидан кор нест,
Бигзар, к-ин одати аҳрор[362] нест.

Бар палаи пиразанон раҳ мазан,
Шарм бидор аз палаи пиразан.

Бандаию даъвии шоҳӣ кунӣ,
Шоҳ наӣ, чунки табоҳӣ кунӣ.

Шоҳ, ки тартиби вилоят кунад,
Ҳукми раият[363] ба риоят кунад.

То ҳама сар бар сари фармон ниҳанд,
Дӯстияш дар дилу дар ҷон ниҳанд.

Оламро зеру забар кардаӣ,
То туӣ, охир чӣ ҳунар кардаӣ?

Давлати туркон, ки баландӣ гирифт,
Мамлакат аз дод писандӣ гирифт.

Чунки ту бедодгарӣ парварӣ,
Турк наӣ, ҳиндуи ғоратгарӣ.

---

[362] ***Аҳрор* - *ҷамъи ҳур*** - озод; ҷавонмард, наҷиб.
[363] ***Раият*** - табаа, оммаи мардуми фармонбардор, тобеъ, мардуме, ки зери даст ва ҳимояи касе бошанд.

Маскани[364] шаҳрӣ зи ту вайрона шуд,
Хирмани деҳқон зи ту бедона шуд.

З-омадани марг шуморе бикун,
Мерасадат даст, ҳисоре[365] бикун.

Адли ту қандили[366] шабафрӯзи туст,
Муниси имрӯзи ту фардои туст.

Пиразанонро ба сухан шод дор,
В-ин сухан аз пиразане ёд ор.

Даст бидор аз сари бечорагон,
То нахӯрӣ ёсичи[367] ғамхорагон.

Чанд занӣ тир ба ҳар гӯшае,
Ғофилӣ аз тӯшаи бетӯшае.

Фарҳи ҷаҳонро ту калид омадӣ,
Н-аз паи бедод падид омадӣ.

Шоҳ бидонӣ, ки ҷафо кам кунӣ,
Гар дигарон реш, ту марҳам[368] кунӣ.

---

[364] ***Маскан*** - маҳалли сукунат, ҷои истиқомат, бошишгоҳ.

[365] ***Ҳисор*** - иҳҳота кардан, муҳосира, печонда гирифтан; қалъа; зиндон.

[366] ***Қандил*** - машъале, ки аз сақф овезон мекунанд; чароғи овезон, чилчироғ.

[367] ***Ёсиҷ*** – тири пайкондор.

Расми заифон ба ту нозиш бувад,
Расми ту бояд, ки навозиш бувад.

Гӯш ба дарюзаи[369] анфос[370] дор,
Гӯшанишине ду-серо пос дор!

Санҷар, к-иқлими Хуросон гирифт,
Кард зиён, к-ин сухан осон гирифт.

Дод дар ин давр барандохтаст,
Дар пари симурғ[371] ватан сохтаст.

Шарм аз ин торами[372] азрақ[373] намонд,
Об дар ин хоки муаллақ намонд.

Хез, Низомӣ, зи ҳад афзунгирӣ,
Бар дили хунобшуда хун гирӣ!



[368] ***Марҳам*** - доруе, ки ҷароҳати хомро пазонда, рим ва фасоди онро мекашад ва озору сӯзишашро сабук мекунад.

[369] ***Дарюза*** - гадоӣ, садақаталабӣ, соилӣ.

[370] ***Анфос - ҷамъи нафас*** - дам, даме, ки инсон ё ҳайвон аз роҳи даҳон ё бинӣ ба худ мекашад ва берун меоварад; лаҳза; оҳ, нола.

[371] ***Симурғ*** - мурғи афсонавӣ, ки гӯё дар баландтарин қуллаҳои кӯҳи Қоф мезистааст.

[372] ***Торам*** - хонаи чӯбини тоқдор; шипанг; гунбаз.

[373] ***Азрақ*** - ранги кабуд ва кабудчатоб, осмониранг, нилгун.

# ДАР ИН КИ ЧАРО ИСКАНДАРРО ЗУЛҚАРНАЙН[374] ГӮЯНД

## *(Аз «Иқболнома» - и Низомии Ганҷавӣ)*

Суханро нигорандаи чарбдаст,
Ба  номи Сикандар[375] чунин нақш баст.

Ки соҳибдуқарнаш[376] бад-он буд ном,
Ки бар Машриқу Мағриб овард гом[377].

Ба қавли дигар он, ки дар ҷоми Ҷам[378],
Дудастӣ задӣ теғ чун субҳдам.

Ба қавли дигар, к-ӯ бисечида[379] дошт,
Ду  гесӯ паси пушт печида дошт.

Ҳамон қавли дигар, ки дар вақти хоб,
Ду қарни фалак  бистад аз офтоб.

---

[374] ***Зулқарнайн*** - дорои ду шох, душоха.

[375] ***Сикандар / Искандар*** - номи яке аз подшоҳони Юнони қадим, Искандари Мақдунӣ, маъруф ба Искандари Зулқарнайн.

[376] ***Қарн*** - сада, аср, давр; муддате, ки 100 солро дар бар мегирад; даврон, замон; шох; зарфе, ки аз шох месозанд; ҷом.

[377] ***Гом*** - як қадам мондан, фосилаи байни ду пой дар вақти роҳ рафтан; иқдом, азм.

[378] ***Ҷоми Ҷам*** - пиёлаи афсонавии Ҷамшед, ки гӯё аз даруни он тамоми ҷаҳон менамудааст; киноя аз ҷоми май.

[379] ***Бисечида*** - омодакарда,  таёркардашуда.

Дигар достоне зад омӯзгор,
Ки умраш ду қарн омад аз рӯзгор.

Дигаргуна гӯяд ҷаҳонфайласуф,
Абӯ Маъшар андар китоби «Улуф».

Ки чун бар Сикандар сар омад замон,
Набуд он халал халқро дар гумон.

Зи муҳраш, ки юнониён доштанд,
Ба коғаз – бараш нақш бингоштанд.

Чу бар ҷои худ килки суратгараш,
Бароpост ороише дарх(в)аш.

Ду нақши дигар баст пайкарнигор,
Яке бар ямину яке бар ясор[380].

Ду қарн аз сари ҳайкал ангехта,
Ба ӯ лоҷварду[381] зар омехта.

Лақаб кардашон марди ҳайатшинос,
Ду фаррухфаришта зи рӯи қиёс.

---

[380] ***Яке бар ямину яке бар ясор*** – яке ба тарафи рост ва дигаре ба тарафи чап.

[381] ***Лоҷвард*** - сангест кабудранг, ки аз он нигини ангуштарин созанд ва салоя карда, ба ҷиҳати музаҳҳибону наққошон ба амал оваранд.

Ки дар пайкаре[382], к-Эзид оросташ,
Фаришта бувад бар чапу росташ.

Чу он ҳар се пайкар бад – он дилбарӣ,
Ки бурд аз ду пайкар беҳипайкарӣ.

Зи Юнон ба дигар савод уфтод,
Ҳадиси[383] Сикандар бад-ӯ кард ёд.

Сано[384] рафт аз эшон ба ҳар марзу бум,
Ба ороиши дасткорони Рум.

Араб чун бад он дида бигмоштанд[385],
Сикандар дигар сурат ангоштанд[386].

Гумон будашон, к-он чи қарнаш дар аст,
На фаррухфаришта, ки Искандар аст.

Аз ин рӯй дар шубҳат афтодаанд,
Ки соҳибдуқарнаш лақаб додаанд.

---

382 ***Пайкар*** - тан, бадан, колбад, часад; шакл, сурат; муҳра, донаи шатранҷ; бут, санам; хушрӯй.

383 ***Ҳадис*** - сухан, ҳикоя, нақл; ривоят; нав, чизи нав; воқеаи наврӯйдода.

384 ***Сано*** - мадҳ, таҳсин; ситоиш, шукр ва сипос; як навъ гиёҳ, ки дар тиб истифода мешавад; рӯшноӣ; баландӣ.

385 ***Бигмоштанд*** - назар карданд

386 ***Ангоштанд*** – андешиданд , хаёл карданд

Ҷуз ин гуфт бо ман худованди ҳуш,
Ки берун аз андоза будаш ду гӯш.

Бар он гӯш чун тоҷи ангехта,
Зи зар доштӣ тавқе[387] овехта.

Зи зар гӯшро ганҷдон доштӣ,
Чу ганҷаш зи мардум ниҳон доштӣ.

Ба ҷуз сартароше, ки будаш ғулом,
Сӯи гӯши ӯ кас накардӣ паём.

Магар, к-он ғулом аз ҷаҳон даргузашт,
Ба дигар тарошанда муҳтоҷ гашт.

Тарошанда устоде омад фароз,
Ба пӯшидагӣ мӯи ӯ кард боз.

Мӯй аз сари марзбон боз кард,
Бад-ӯ марзбон нармак овоз кард.

Ки гар рози ин гӯши пирояпӯш[388],
Ба гӯш оварам, к- оварад кас ба гӯш.

---

[387] ***Тавқ*** - ҳар чизи доирашакл, ки ба гирди чизи дигар дарояд; гарданбанд, ҳалқа.

[388] ***Пироя*** - зебу зинат, ороиш; зевар, асбоби зинат ва ороиш.

Чунонат диҳам гӯшмоли[389] нафас,
Ки ногуфтаниро нагӯӣ ба кас.

Шуд он марду он ҳалқа дар гӯш кард,
Сухан не, забонро фаромӯш кард.

Нагуфт ин сухан бо касе дар ҷаҳон,
Чу куфраш ҳамедошт дар дил ниҳон.

Зи пӯшидани  роз шуд рӯйзард,
Ки пӯшидарозӣ дил орад ба дард.

Яке рӯз пинҳон бурун шуд зи кох,
Зи дилтангӣ омад ба даште фарох.

Ба пайғӯлае[390] дид чоҳе шигарф,
Фиканд он суханро дар он чоҳи жарф.

Ки Шоҳи ҷаҳонро дароз аст гӯш,
Чу гуфт ин сухан, дил тиҳӣ шуд зи ҷӯш.

Сӯи хона омад ба оҳистагӣ,
Нигаҳ дошт мӯҳри забонбастагӣ.

---

389 ***Гӯшмол*** - гӯш печутоб додан, гӯш молидан; танбеҳ, ҷазо.

390 ***Пайғӯла*** -кунҷ ва гӯшаи саҳро ва ё кӯҳ; ғор; кунҷ ва гӯшаи хона.

Ханида[391] чунин шуд, к-аз он чоҳи чуст,
Ба оҳанги он нола нойе[392] бируст.

Зи чаҳ сар баровarду боло кашид,
Ҳамон дасти дузде ба коло[393] кашид.

Шубоне[394] биёбонӣ омад зи роҳ,
Найе дид барруста аз қаъри чоҳ.

Ба расми шубонон аз он пеша хонд,
Нахусташ бизад захм в-он гаҳ навохт.

Дили худ дар андеша нагзоштӣ,
Ба он най дили хеш хуш доштӣ.

Бурун рафта буд шоҳ рӯзе ба дашт,
Дар он дашт бар марди чӯпон гузашт.

Найе дид, к-аз дур мезад шубон,
Шуд он марз шӯрида бар марзбон.

[391] ***Ханида –*** овоза пайдокарда.

[392] ***Ной / най*** - як навъ гиёҳе, ки дар ҷойҳои сероб мерӯяд ва танаш борику рост ва баланд дошта, миёнаш ковок аст; қамиш; як навъ олати мусиқии нафасӣ, ки бештар аз танаи най сохта мешавад.

[393] ***Коло*** - мол, матоъ; чизу чора.

[394] ***Шубон / чӯпон*** - нигаҳбон ва чаронандаи рамаи гӯсфанд ва буз, рамабон, подабон, галабон.

Чунон буд дар нолаи най ба роз,
Ки дорад Сикандар ду гӯши дароз.

Дар он доварӣ соате пай фушурд,
Ба оҳанги сомони ӯ пай набурд.

Шубонро ба худ ханду пурсид роз,
Шубон рози он най бад-ӯ гуфт боз.

Ки ин най зи чоҳе баромад баланд,
Ки ширинтар аст аз наистони қанд.

Ба захми худаш кардам аз захм пок,
Нашуд захмазан, то нашуд захмнок.

Да ӯ ҷон наю ишқи ҷони ман аст,
Бад-ин безабонӣ забони ман аст.

Шигифт[395] омад ин достон шоҳро,
Ба сар бурд сӯи ватан роҳро.

Чу биншаст хилват[396], фиристод кас,
Тарошандаро сӯи худ ханду бас.

---

[395] ***Шигифт*** - тааҷҷуб, ҳайрат.

[396] ***Хилват*** - танҳоӣ, танҳонишинӣ; ҷои танҳо нишастан; нишастан дар ҷое, ки холӣ аз бегонагон бошад.

Бад-ӯ гуфт, к-«Эй марди оҳистарой,
Суханҳои сарбастаро сар кушой.

Ки рози маро бо кӣ пардохтӣ?
Суханро ба гӯши кӣ андохтӣ?

Агар гуфтӣ, озодӣ аз тундмеғ,
В-агар на, саратро бурад сели теғ».

Тарошанда, к-ин достонро шунид,
Беҳ аз рост гуфтан ҷавобе надид.

Нахустин ба нӯги мижа роҳ рӯфт,
Дуо карду бо он дуокарда гуфт.

Ки: «Чу шоҳ бо ман чунон кард аҳд,
Ки буркаъ[397] каҳам бар арӯсони маҳд.

Аз он рози пинҳон дилам суфта шуд,
Ҳикоят ба чоҳе фурӯ гуфта шуд.

Нагуфтам ҷуз ин бо кас эй некрой,
В-агар гуфтаам бод хасмам[398] Худой!

---

[397] ***Буркаъ*** - сарбанди занон; чашмбанд, пардаи рӯйпӯши занон, рӯбанд, ниқоб.

[398] ***Хасм*** - душман, адӯ.

Чу шаҳ дид рози ҷигарсуфти ӯ,
Дурустӣ талаб кард бар гуфти ӯ.

Бифармуд, к-орад рақибе шигарф,
Найи нолапарвард аз он чоҳи жарф.

Чу дар пардаи най нафас ёфт роҳ,
Ҳамон рози пӯшида бишнид шоҳ.

Шуд огаҳ, ки дар арзгоҳи[399] ҷаҳон,
Нуҳуфтидаи кас намонад ниҳон.

Ба некӣ сарояндаро ёд кард,
Шуд озоду аз теғаш озод кард.

Чунон дон, ки аз ғунчаи[400] лаълу дур[401],
Шукуфта кунад ҳар чӣ он гашт пур.

Бухоре, ки дар санги хоро[402] шавад,
Саранҷоми кор ошкоро шавад.



[399] ***Арзгоҳ*** - майдони шумор кардани сипоҳ, фароҳам омадангоҳи душман; ҷои арз додани чизе.

[400] ***Ғунча*** - пунбаки гул, гули ношукуфта, гуле, ки ҳанӯз кушода нашудааст.

[401] ***Дур*** - марворид, гавҳар; чуқур, бетаг.

[402] ***Санги хоро*** - як навъ санги бисёр сахт; гранит.

# ҲИКОЯИ РӮБОҲИ ШАЛ

## *(Аз «Бӯстон» - и Саъдии Шерозӣ)*

Яке рӯбаҳе дид бе дасту пой,
Фурӯ монд дар лутфу сунъи Худой.

Ки чун зиндагонӣ ба сар мебарад,
Бад-ин дасту пой аз куҷо мех(в)арад?

Дар ин буд дарвеши шӯридаранг,
Ки шере даромад, шағоле ба чанг.

Шағоли нигунбахтро[403] шер хӯрд,
Бимонд он чӣ, рӯбоҳ аз он сер хӯрд.

Дигар рӯз боз иттифоқ[404] уфтод,
Ки рӯзирасон қути[405] рӯзаш бидод.

Яқин мардро дида бинанда кард,
Шуду такя бар офаринанда кард.

К-аз ин пас ба кунҷе нишинам чу мӯр[406],
Ки рӯзӣ нахӯрданд пилон[407] ба зӯр.

---

[403] ***Нигунбахт*** - бадбахт, бадтолеъ, сиёҳбахт.

[404] ***Иттифоқ*** - тасодуф, бе сабаби зоҳирӣ ва ба ғайри интизор воқеъ шудани коре; бо ҳамдигар мувофиқат кардан, ҳамфикр шудан.

[405] ***Қут*** - хӯрданӣ, ғизои ба қадри зарурат; таом.

[406] ***Мӯр*** - навъе аз ҳашароти майда, ки ба таври иҷтимоъ зиндагӣ мекунад ва дорои хелҳои гуногун аст: мӯрча; мӯрчаи пардор, мӯрчаи аспак ва ғ.

Занахдон фурӯ бурд[408] чанде ба ҷайб[409],
Ки бахшанда рӯзӣ фиристад зи ғайб.

На бегона темор[410] хӯрдаш, на дӯст,
Чу чангаш рагу устухон монду пӯст.

Чу сабраш намонд аз заифию ҳуш,
Зи девораш овозе омад ба гӯш:

Бирав, шери дарранда бош, эй дағал,
Маяндоз худро чу рӯбоҳи шал.

Чунон саъй кун, к-аз ту монад чу шер,
Чӣ бошӣ чу рӯбаҳ ба вомонда[411] сер?

Чу шер он киро гардане фарбеҳ аст,
Гар афтад чу рӯбаҳ, саг аз вай беҳ аст.

Ба чанг ору бо дигарон нӯш кун,
На бар фузлаи[412] дигарон гӯш кун.

---

[407] ***Пил*** - ҳайвони калонҷусса ва бузурги хартумдор; фил; пошнаи по.

[408] ***Занахдон ба ҷайб фурӯ бурдан*** - ба андеша фурӯ рафтан; интизор доштан, умедвор будан.

[409] ***Ҷайб*** - гиребон, гиребони курта; кисае, ки поёнтар аз гиребон дӯхта мешавад.

[410] ***Темор*** - ғам, андӯҳ, гӯсса; ғамхорӣ, парасторӣ, нигоҳубин.

[411] ***Вомонда*** - пасмондаи хӯрок; дармонда; гирифтор, мубтало.

Бихӯр, то тавонӣ, ба бозуи хеш,
Ки саъят бувад дар тарозуи хеш.

Чу мардон бибар ранҷу роҳат расон,
Муханнас[413] хурад дастранҷи касон.

Бигир, эй ҷавон, дасти дарвеши пир,
На худро бияфкан, ки дастам бигир.

Худоро бар он банда бахшоиш аст,
Ки халқ аз вуҷудаш дар осоиш аст.

Карам[414] варзад он сар, ки мағзе дар ӯст,
Ки дунҳимматонанд[415] бемағзу пӯст.

Касе нек бинад ба ҳар ду сарой,
Ки некӣ расонад ба халқи Худой.



[412] ***Фузла*** – дахолати каси дигар, сухани дахолатомези каси дигар
[413] ***Муханнас*** - хуносо, нару мода; *маҷ.* тарсончак, номард.
[414] ***Карам*** - саховат, ҳиммат, кушодадастӣ, ҷавонмардӣ.
[415] ***Дунҳиммат*** - пастҳиммат, фурӯмоя; хасис.

# ВОҚЕАИ ДУО НАМУДАНИ МӮСО (А) АЗ БАРОИ БОРОН ВА Ё КАРОМОТИ БУРХИ САРМАСТ

***(Аз маснавии «Маъдан-ул-ҳол» - и Ҷунунӣ)***

Каломи шир аз пистони ҷон аст,
Ба коми тифли ҷӯянда равон аст.

Чунин нақл аст андар асри Мӯсо,
Наборид абр, шуд қаҳтӣ саропо.

Зироатҳо[416] ҳама хушку хазон шуд,
Ба олам нархи тӯъма[417] пургарон шуд.

Бишуд қавми бани Исроилӣ[418] танг,
Намонд аз бетаъомӣ қуввату ҳанг[419].

Ҳама дар назди Мӯсо ҷамъ омад,
Чу парвона ба назди шамъ омад.

Ба қавмаш рафт Мӯсо сӯи саҳро,
Ба борон хостан аз Ҳақ таъоло.

---

[416] ***Зироат*** - деҳқонӣ, киштукор; кишт.

[417] ***Тӯъма*** - хӯрок, таом, қут, луқма.

[418] ***Бани Исроил*** - номи қавме, ки авлоди Яъқуби пайғамбар бошанд.

[419] ***Ҳанг*** - қудрат, зӯр; вазн, сангинӣ; қасд, ирода, оҳанг.

Дуъоҳо кард Мӯсо баҳри борон,
Нашуд мақбул бар даргоҳи Субҳон.

Бигуфт Мӯсо, ай Халлоқи олам,
Чи сирраст ноқабулӣ дар дуоям?

Бигуфт Эзид, ки эй Мӯсои Имрон,
Дили қавмат сиёҳ аз фиску[420] исён[421].

Намесозанд тавба аз гуноҳон,
Надоранд сидқи дил ин рӯсиёҳон.

Аз ин соат дуоҳо ноқабул аст,
Куҷо мақбули мо ҳар булфузул[422] аст?

Валекин дар фалон ҷо бандае ҳаст,
Қабули мост, номаш Бурхи Сармаст.

Бирав бо ӯ бигӯ созад дуоро,
Ба ҳукми ӯ кунам абри саморо.

Фиристонам бари ӯ зуд борон,
Магӯ ин сирри ҳикматро ба ёрон.

Барои ҷустуҷӯи Бурхи Сармаст,
Бигашт Мӯсо баландиҳову ҳам паст.

---

[420] ***Фисқ*** - берун шудан аз роҳи ҳақ ва дурустӣ, кардани корҳои ношоям; бадахлоқӣ.

[421] ***Исён*** - шӯриш; гарданкашӣ.

[422] ***Булфузул*** - пургӯй, бемавқеъ гапзананда; сергап; донотарош.

Бипурсидӣ суроғи ӯ зи ҳар кас,
Набудӣ воқиф[423] аз он шоҳу ҳар кас.

Куҷо ҳар кас шиносад марди Ҳақро,
Зи илми ишқ нохонда сабақро.

Ба зери пардаи Эзид ниҳон аст,
Ба ӯ з-ин ваҷҳ[424] мардум бадгумон аст.

Ҳама гуфтанд мо ӯро надонем,
Валӣ[425] мо ҳар гадоеро нахонем.

Ба ногаҳ масти Ҳақро ёфт Мӯсо,
Ба шӯриш буд ҳамчун мавҷи дарё.

Ба симои вуҷуҳаш нури саҷда,
Ба мавлояш ба хидмат нек банда.

Варо бишнохт Мӯсо бини Имрон,
Саломаш кард гуфт, ай Бурхи Мастон.

Алайкум гуфт, ай Мӯсо, биё зуд,
Туӣ ҳамроз бо Донои Маъбуд.

Бигуфт Мӯсо: "Чӣ донистӣ маро ту,
Ки ҳастам Мӯсии ҳамроз бо Ӯ".

---

[423] ***Воқиф*** - огоҳ, бохабар, хабардор, ҳолдон, донандаи чизе.

[424] ***Ваҷҳ*** - рӯй, симо, чеҳра; сабаб, боис, далел, асос, ҷиҳат.

[425] ***Валӣ*** - дӯст, дӯстдор; ёвар, мададгор, ориф; соҳибкаромот, авлиё; муқарраб ба Худо; дорандаи болотарин мақом дар дин пас аз пайғамбар;

Бигуфт: "Он ки туро бо ман фиристод,
Зи аҳволи ту Ӯ бо ман хабар дод.

Магар мехоҳӣ аз ман оби борон,
Ба борон аст қавмат интизорон".

Бигуфт Мӯсо, ки оре, чунин ҳаст,
Чу авқоти[426] халоиқ аз замин аст.

Ба даргоҳи карам аз баҳри ҳоҷот,
Бигардон ошиқи содиқ муноҷот.

Ки ай Сattори айби ин маъибон[427]?
Бисозӣ мушкили ҳар банда осон.

Тараҳҳум кун ба ҳоли ин ғарибон,
Насибе бахш ту бар камнасибон.

Ба Мӯсо гуфт сӯи хона рав зуд,
Ки борон мерасад бо амри Маъбуд.

Ба хона кард то Мӯсо қадам тез,
Бишуд борон ба фармони Худо рез.



---

[426] ***Авқот*** - ҷамъи қут; шакли вайроншудаи ***ақвот***; хӯрок, таом.
[427] ***Маъиб*** - айбнок, нуқсоннок, иллатдор, маъюб.

# ҲИКОЯТИ ОН ҒУРӢ, КИ ДАР МАНОРА ПИНҲОН ШУДА БУД ВА ФАРЁД КАРД, КИ МАРО ИН ҶО МАҶӮЕД, КИ МАН ИН ҶО НЕСТАМ

***(Аз маснавии «Силсилат - уз - заҳаб» - и Абдураҳмони Ҷомӣ)***

Содае аз тагови[428] арсаи Ғур,
Кард рӯзе ба сӯи шаҳр убур.

Мондаву гурусна зи роҳи тагов,
Бари китф тӯбра ба по гургов.[429]

Уфтодаш гузар ба дукконе,
Дид пур нону хуриш хоне.

Бе такаллуф[430] гузашту хуш биншаст,
Кард берун зи зери пашмин даст.

Соҳиби хон чу дид аҳли карам,
Назад аз манъу заҷр[431] ба ӯ дам.

Чун аз он нону хон ба танҳоӣ,
Хӯрд чандон ки дошт гунҷоӣ.

---

[428] ***Тагов*** - деҳа.

[429] ***Гургов*** - навъе аз пояфзол.

[430] ***Такаллуф*** - муроотӣ барзиёд ва сохта, маросим ва ташрифот; саъй, кӯшиш, заҳмат; аҳаммияти махсус додан ба чизе.

[431] ***Заҷр*** - манъ, манъ кардан, боздоштан, боздорӣ; зулм, ситам, азоб, ҷавр.

Тӯбра зери сар ниҳоду бихуфт,
Соҳиби хон чу он бидид ошуфт.

Гуфт: бархез ҳону ҳон бархез,
Зудтар з-ин дари дукон бигрез.

Малики шаҳр ҳукм фармуда,
Ки бигиранд улоғи[432] осуда.

Дам ба дам мерасад яке сарҳанг[433],
Мекунад сӯи ҳар улоғ оҳанг.

Мекашад дар қатори хеш туро,
Мекушад зери бори хеш туро.

Мебарад боркаш ба ҳар сӯят,
Мекунад реш пушту паҳлӯят.

Марди ғурӣ чу он сухан бишнид,
Тӯбра бар китф ниҳоду давид.

Дар ба дар кӯ ба кӯ басе биштофт,
Ҳеҷ ҷое беҳ аз манора наёфт.

Аз ҳама мардумон канора гузид;
Тарс тарсон дар он манора хазид.

---

[432] ***Улоғ*** - улав, ҳайвони саворӣ, махсусан хар; пайванд; дарбеҳ, ямоқ.

[433] ***Сарҳанг*** - сардори як қисми муайяни лашкар; фармондеҳи ҳанг (қисми низомӣ, ки ба полк баробар аст); сипоҳии қаровул, навбатдор, муҳофиз.

Аз қазо баҳри суду савдое,
Хост аз шаҳр шӯру ғавғое.

Шуд гумонаш, ки шӯри сарҳанг аст,
К-аш ба сӯи улоғ оҳанг аст.

Бонг мезад, ки ман ниҳон шудаам,
В-аз ҷафои[434] ту дар амон[435] шудаам.

Зуд бигзар, сухан магӯй ин ҷо,
Ман ниҳонам маро маҷӯй ин ҷо.

Балки з-ин диёр дурам ман,
Ҳамчунон дар тагови Ғурам ман.

Сад сухан беш аз ин қабл будаш,
Лек ҳар як хилофи мақсудаш .

Ҳамчу он содадил, ки аз дағалӣ,
Сохт бар зикри сир нишони ҷалӣ[436].

Зикраш омад бурун зи пардаи сир,
Бар хаёли сир ӯ ҳанӯз мусир.[437]



---

[434] ***Ҷафо*** - ситам, зулм, ҷавр, озор.

[435] ***Амон*** - фароғат, осоиш, саломатӣ; бехавфӣ; зинҳор, паноҳ, наҷот.

[436] ***Ҷалӣ*** - равшан, возеҳ, ошкор, маълум.

[437] ***Мусир*** - исроркунанда, дар коре устувор.

# ҲИКОЯТИ ЗИШТРӮЕ, КИ ХАРИДОРИ КӮР ЁФТА БУД ВА ВАҶҲИ НОСАРАИ ХУДРО ПЕШИ ВАЙ МЕСУТУД

***(Аз маснавии «Тӯҳфат-ул-аҳрор» - и Абдураҳмони Ҷомӣ)***

Хост яке кӯрзане зиштрӯй,
Кинаваре, таъназане, зиштхӯй.

Аз шибаҳаш[438] чеҳра сияҳрангтар,
В-аз сипараш ҷабҳа[439] пурожангтар[440].

Гӯш кару чашм кажу пушт кож,
Хомисааш беҳуда, гуфтор жож[441].

Як шабе аз ноз бад-он кӯр гуфт:
«Ҳайф, ки монд аз ту ҷамолам нуҳуфт.

Талъати[442] ман хоста аз маҳ хироҷ,
Ҳарфи хиҷолат зада бар лавҳи оҷ[443].

---

[438] ***Шибаҳ*** - киноя аз сиёҳии дил аст.

[439] ***Ҷабҳа*** - пешонӣ, ҷабин.

[440] ***Ожанг*** - чине, ки ба сабаби пирӣ ва ё қаҳру ғазаб дар рӯй ва пешонӣ пайдо мешаванд; шикан, гиреҳ, оҷинг, чин, шиканҷ.

[441] ***Жож*** - суханҳои беҳуда ва бемазза, ёва, ҳазён; гиёҳи бағоят сафеди бемаза, ки шутур онро ҳарчанд хояд ҳам, фурӯ бурда наметавонад

[442] ***Талъат*** - рӯй, чеҳра, симо, намуд; дидор, дидани рӯи касе.

Наргиси ман чашму чароғи чаман,
Лолаи ман доғнеҳи ёсуман.

Аз сифати қомати ман кӯтаҳӣ,
Ёфта овозаи сарви сиҳӣ[444]».

Кӯр чу афсонаи ӯ гӯш кард,
Хуни дил аз синаи ӯ ҷӯш кард.

Гуфт: «Агар ҳол чунин будият,
Давлату иқбол қарин[445] будият.

Домани ту дидаваре доштӣ,
Тухми ҳавоят дигаре коштӣ.

Ин ҳама бинанда зи наздику дур,
Кас наниҳад оина дар пеши кӯр.

Чашми ман аз кӯр набудӣ чунин,
Ту сари даъвӣ накушудӣ чунин.

Бастагии чашмам аз авсофи ту,
Бар ту кушодаст дари лофи ту.

---

[443] ***Оч*** - устухони фил; дандони фил; сафед.

[444] ***Сиҳӣ / саҳӣ*** - рост, баланд; ***сарви сиҳӣ*** - сарви рост ва баланд, сарви рострафтаи зебо; сарви наврас

[445] ***Қарин*** - наздик; ҳамнишин, ҳамсуҳбат.

Ҷомӣ, агар накди камолет ҳаст,
Дар ҳаҷаби[446] ғайб ҷамолет ҳаст.

Бар, ба сари аҳли назар ҷилва[447] деҳ,
Дар назари бебасаронаш манеҳ.

В-ар на зи ҳиммат дари инсоф зан,
Хатти хато бар вараҷи лоф зан!



[446] ***Ҳаҷаб*** - парда.

[447] ***Ҷилва*** - ба тарзи дилрабо ва бо ҳаракатҳои дилкаш намудор шудан, худро нишон додан; намоиш, намуд, намудор шудан.

# ҲИКОЯИ САНГТАРОШ

***(Аз осори Убайди Зоконӣ)***

**С**ангтароше буд андар кӯҳи Тур,
Сангтарошӣ карду гуфтӣ: «Эй Ғафур.

Ту куҷоӣ дар миёни осмон,
Чанд бошӣ пеши чашми мо ниҳон.

Хуб бошад, гар биёӣ бар замин,
Дар бари мо, ё Иллоҳ-ал-оламин.

Хонаи сангӣ тарошам баҳри ту,
Чокари[448] даргоҳ бошам баҳри ту.

Гар ту хоҳӣ, гашти саҳрое кунӣ,
Бо ман оиву тамошое кунӣ.

Хуш тафарруҷоҳост[449] андар кӯҳсор,
Арғувонӣ[450] лолаҳои марғзор.

---

[448] ***Чокар*** - хизматгор; навкар; фармонбардор.
[449] ***Тафарруҷо*** – ҷой, макони хушбоду ҳаво ва тамошобоб.
[450] ***Арғувонӣ*** - сурх, сурхи баланд, сурхи моил ба бунафш, суп-сурх; сурх.

Дузду ёғӣ нест ин ҷо як замон,
Ту биё бо мо, матарс аз ёғиён.

Рӯз аз рӯят бупарронам магас,
Шаб ба гирди хона гардам чун асас.[451]

Ин бигуфту хонаро бунёд кард,
Аз тазаррӯъ[452] нолаву фарёд кард.

Сангтарош аз ишқи дидори Худо,
Санг тарошидӣ чиҳил шаб то сабо[453].

Хонаи сангӣ тарошид аз камар,
Тахти шоҳӣ ҳам аз он ҷои дигар.

Дар канори тахт болин сохта,
Шаш ҷиҳат он хонаро пардохта.

Косаи сангӣ тарошид аз камар,
Кӯзаҳои[454] санг аз ҳам хубтар.

Косаи дар қарс гандум дарниҳод,
Як дари сангӣ бар он дар барниҳод.

---

[451] ***Асас***-саг.
[452] ***Тазаррӯъ*** - илтиҷо, илтимос бо хориву зорӣ.
[453] ***Сабо / сабоҳ*** - пагоҳӣ, вақти субҳ, бомдод, сапедадам.
[454] ***Кӯз / кӯза*** - зарфи сафолии дастадори майдатар аз хум.

Дар бибасту боз он дар баркушод,
Инчунин будаш дари басту кушод.

Хишти сангӣ ҳам ниҳодӣ пушти дар,
Кӯзаи пуроб паҳлӯяш дигар.

Зору нолон ҳамчу булбул дар баҳор,
Сад ҳазорон парда менолид зор.

Шаб ба бедорӣ гузаштӣ то саҳар,
Оҳи сарду рӯи зарду дида тар.

Оҳи сард аз дил кашидӣ зор-зор,
Ашк меборид чу абри навбаҳор.

Ашки хунин рехт андар кӯҳсор,
Ҳамчу бороне, ки борад дар баҳор.

Гуфт: «Ё Рабб, гар биёӣ ин замон,
Аз карам оӣ фуруд аз осмон,

Ман туро аввал бишӯям ҳарду по,
Оби поятро хӯрам чун кимиё[455].

Хонаро бар ту супорам, он замон,
Худ шавам бар даргаҳи[456] ту посбон.

[455] ***Кимиё*** - чизи камёб, ноёб, нодир.

Сард[457] бошад, баҳри ту оташ кунам,
Гарм бошад, ҳар замон бодат занам.

Об хоҳӣ, кӯза бар дастат диҳам,
Нон хоҳӣ, суфра бар пешат ниҳам.

Пеши чӯпонон равам аз ҳар субҳгир,
Баҳрат орам равғану кашку[458] панир.

Оби сарди кӯҳсорон бо хӯриш,
Зиндагонӣ кун, ба некӯпарвариш.

Чунки хезӣ, кафшгардонӣ кунам,
Гирд бар гирдат нигаҳбонӣ кунам.

Гар шағолу хирс ояд, ё паланг,
Бишканам паҳлӯи эшонро ба санг.

Гӯсфанд орам ба қурбон созамаш,
Баҳри ту дарҳол бирён созамаш.

Чун хӯрӣ бирёни моро ё Худо,
Баъд аз он дидори худ бо мо намо.

---

[456] ***Даргаҳ*** - дамгаҳи дар; остонаи дар; дар.
[457] ***Сард*** - хунук.
[458] ***Кашк*** - чаккаи хушк кардашуда, қурут; навъе аз таом аз орди гандум ё ҷав, бо шири гӯсфанд.

Ин бигуфту рафт дар кӯҳи баланд,
Пеши чӯпонон зи баҳри гӯсфанд.

Гӯсфандеро ба таъҷил[459] ӯ харид,
Ресмон дар шох карду мекашид.

Бо дили худ гуфт: «Чӣ хуш бошад, ки ман,
Чун равам дар хонақоҳи хештан.

Омада бошад худо дар хонаам,
То биёсояд[460] дили девонаам.

Хуфта бошад бар сари он тахти хеш,
Хурраму осудадил аз бахти хеш.

Ӯ  бувад осудаву ман бехабар,
Гӯсфанд он ҷо расонам зудтар».

Гуфт бо худ он заифи нотавон:
«Омада бошад Худо аз осмон.

Хуфта бошад дар даруни хонаам,
Шод гардонад дили девонаам.

---

[459] ***Таъҷил*** - шитофтан, шитоб кардан, шитоб.

[460] ***Осудан*** - дам гирифтан, истироҳат кардан; хастагӣ баровардан; ором шудан, таскин ёфтан.

Гар ба тахти хеш бошад хуфта ӯ,
Чун равам, бедор гашта бошад ӯ.

Як замон сабре кунам, ё бо шитоб,
Аввал аз баҳраш ҷигар созам кабоб.

Як кумочӣ[461] кардам ман дар ниҳон,
Ӯ  надонад, ман биёрам дар замон.

Чун хӯрад он нони гандум бо кабоб,
Кӯзаро бар даст гирам пур зи об.

Об хоҳад, оби сарди нозанин,
Ман диҳам обаш, ниҳам сар бар замин».

Инчунин мегуфт аз ишқ ӯ дигар:
«Гӯсфанд он ҷо расонам зудтар».

Пеши Мусо рафт шахсе дар ниҳон,
Кард ҳоли сангтарош ин сон аён:

«Хонае баҳри худо ӯ сохта,
Сангӣ асту шаш ҷиҳат пардохта.

---

[461] ***Кумочӣ*** –як навъ нони ғафс, ки аз орди нахуд пазанд, нони ширмол.

Ҳар замон бо худ хаёле мекунад,
Инчунин қолу мақоле[462] мекунад».

Аз қазо Мусо ба кӯҳи Тур шуд,
Дохили он маъдани[463] пурнур шуд.

Рафту Мусо андар он хона нишаст,
Косаҳову кӯзаҳо дар ҳам шикаст.

Сангтарош омад ба дасташ гӯсфанд,
Чун сарозер гашт аз кӯҳи баланд.

Косаҳо бишкаста диду кӯзҳо,
Ӯ баровард аз дили худ сӯзҳо.

Гуфт: «Ё Рабб, ин ту кардӣ, ё Худо,
Ё касе ин кардааст, бо мо намо.

Гар ту бо худ меҳрубонӣ доштӣ,
Инчунин кардан, чаро бигзоштӣ?

В-ар набудӣ з-ин хабардор, эй Худо,
Ман туро бад гуфта бошам, мар туро.

---

[462] ***Қолу мақол*** - гуфтугӯ, гапҳои ҳархела.
[463] ***Маъдан*** - кони фулузот, кони сангҳои қиматбаҳо, ҷавоҳир.

Ин бигуфту ҳамчу борон гиря кард,
Зор-зор аз ноумедӣ навҳа[464] кард.

Гуши Мусо нолаи ӯро шунид,
Пеши ӯ омад, ба рӯяш бингарид.

Гуфт: « Эй нодон, чӣ зорӣ мекунӣ,
Ҳеҷ медонӣ чӣ коре мекунӣ?

Гуфт: «Оре, хонаи Ҳақ сохтам,
Фаршу болин ҳам дар ӯ пардохтам.

Ту чаро ин косаҳо бишкастаӣ,
В-ин дили моро зи ғусса хастаӣ[465]»?

Гуфт: «Эй нодон, Худоро хона нест,
Ҳаргиз ӯро манзилу кошона нест.

Инчунин, ҳаргиз Худоро дард нест,
Хоб неву марг неву х(в)ард нест.

Тавба кун, ту тарки ин беҳуда гӯ,
Гар ту аблаҳ нестӣ, ин раҳ мапӯ[466].

[464] ***Навҳа*** - гиря, гиряи бо овози баланд, зорӣ, фиғон.
[465] ***Хастан*** - харошидан
[466] ***Роҳ паймудан*** - роҳ тай намудан.

Ин бигуфту Мусӣ  аз вай дур шуд,
Сангтарош аз ин сухан ранҷур[467] шуд.

Ончунон нолид, к-андар рӯи ӯ,
Шуд равон аз оби чашми ӯ ду ҷӯ.

Он чунон нолида, ки аз дарди ӯ,
Санг мум[468] гардид зи оҳи сарди ӯ.

Дида пурхун мекунад аз дарди дил,
То бишӯёнад ғубори сарди дил.

Гуфт: « Эй Субҳон, ту донӣ ҳоли ман,
Воқифӣ[469] аз ҷумлаи аҳволи ман.
Ҳар чӣ кардам ман ба нодонии хеш,
Афв фармо ту ба доноии хеш».

Ӯ чунин мегуфт бо сад тарсу бим,
Ҷабраил омад ба Мусои калим[470],

Гуфт: «Ё Мусо, ҳамегӯяд Ғафур,
«Бандаи моро чаро кардӣ ту дур?

---

[467] ***Ранҷур*** - азобдида, озордида, азобкашида, ғамнок, озурда; бемор, касал.

[468] ***Мум*** - моддаи мулоиме, ки занбӯри асал ҳосил мекунад ва аз он барои худ лона месозад.

[469] ***Воқиф*** - огоҳ, бохабар, хабардор, ҳолдон.

[470] ***Калим*** - ҳамсӯҳбат; гӯянда; лақаби Мӯсои паёмбар.

Хонаю тахте бароям сохта,
Рахту болин андар он андохта.

Рафтаву дар хони ман биншастаӣ,
Косаҳову кузаҳо бишқастаӣ.

Ин замонам узрхоҳӣ мекунӣ,
Ту хатои худ табоҳӣ[471] мекунӣ.

Ин замон моро иваз чун медиҳӣ,
Ту хато кардӣ, чӣ гуна мераҳӣ[472]»?

Гуфт Мусо: «Меравам коса харам,
Кӯзаҳои хубтар меоварам».

Ҷабраилаш гуфт: «Ҳақ гӯяд нахуст,
Косаҳову кӯзаҳояш кун дуруст.

Буд андар кӯзаҳои сангтарош,
Сидқ покиза, мунаввар нақшҳош.

Косаи сидқаш чаро бишкастаӣ,
Он дили зораш зи ғусса хастаӣ?

[471] ***Табоҳӣ*** - харобӣ, вайронӣ.
[472] ***Раҳидан*** - раҳо шудан, халос шудан, наҷот ёфтан, озод шудан.

Аз даруни ҷони ӯ ман огаҳам,
В-он гаҳе кулли[473] муродаш медиҳам».

Гуфт Мусо «Чун шунидам, ё Карим,
Афв кун бар ман гуноҳони азим[474]».

Гуфт Мусоро Худо: «Эй ту ба ном,
Бошад ин банда ба даргоҳам тамом.

Мурғи ҷонаш нест бе ман дар қафас,
Нест холӣ ӯ зи ишқам як нафас.

Гуфт Мусоро худои лояном[475],
Буд он банда ба даргоҳам мудом.

Ҳар ки озурд банда, озорад маро,
Бандаро аз худ намедорам ҷудо.

Гар ҳамехоҳӣ ту дарди худ даво,
Рав ба пеши ӯву истирзо[476] намо.

Гар туро бахшид он марди худо,
Ман туро бахшида дорам баъдҳо.

---

[473] ***Кулл*** - ҳама, ҳамагӣ.
[474] ***Азим*** - бисёр бузург, хеле калон, боазамат.
[475] ***Лояном*** - хобнакунанда, ҳамеша бедор.
[476] ***Истирзо*** – талаби ризомандӣ кардан.

Чун ба Мусо ваҳй[477] шуд аз Кирдгор,
Рафт пеши он ҳазини[478] дилфигор.

Гуфт: «Эй саргаштаи бехобу х(в)ар,
Он чи ман кардам иноят[479], даргузар.

Гуфт: «Эй Мусо, туӣ марди Худо,
Кардаӣ бо ман адоват[480] аз чаро?

Рафтаӣ дар хонаам биншастаӣ,
Косаҳову кӯзаҳо бишкастаӣ.

Инчунин Мусо сухан оғоз кард,
Баҳри розӣ карданаш дамсоз кард.

Чунки розӣ шуд зи Мусо порсо[481],
Баъд аз он розӣ шуд аз Мусо Худо.

Ҳар ки сирре аст андар вай ниҳон,
Кас надонад сирраш, илло[482] ғайбдон[483].

---

[477] ***Ваҳй*** – фармони Худо.

[478] ***Ҳазин*** - ғамгин, ғуссаомез, ҳасратнок, андӯҳгин.

[479] ***Иноят*** - мададгорӣ, дастгирӣ, ёрӣ; лутфу марҳамат, меҳрубонӣ, таваҷҷӯҳ

[480] ***Адоват*** - душманӣ.

[481] ***Порсо*** - пок, покиза, покдоман, некӯкирдор; боисмат; диндор, парҳезгор.

[482] ***Илло*** - ғайр аз, ба ҷуз, магар, магар ин ки.

[483] ***Ғайбдон*** - ишора ба Худованд.

Дӯстии ғайр кун бар худ ҳаром,
Хона холӣ кун бо ихлос тамом.

Гар ту хоҳӣ, дӯстӣ кун бо худо,
Дӯстӣ мекун ту бо марди худо.



# Мундарича

Сарсухан.........................................................................3

Достони шайх Санъон.......................................................5

Ҳикояи  Султон ҷамҷама...............................................56

Ҳикояи зани порсо………………………………67

Ҳикояи баққолу тӯтӣ ва равған рехтани тӯтӣ дар дуккон...................................................................................90

Ҳикояи он аъробӣ ва саги ӯ.......................................101

Ҳикояи Нӯшервон бо вазири худ.............................103

Достони пиразан бо султон санҷар...........................111

Дар ин ки чаро Искандарро Зулқарнайн гӯянд.........116

Ҳикояи рӯбоҳи шал....................................................125

Воқеаи дуо намудани Мӯсо (а) аз барои борон ва ё кароматы Бурхи Сармаст.............................................128

Ҳикояи он ғурӣ, ки дар манора пинҳон шуда буд ва фарёд кард, ки маро ин ҷо маҷӯед, ки ман ин ҷо нестам........................................................................132

Ҳикояи зиштрӯе, ки харидори кӯр ёфта буд ва ваҷҳи носараи худро пеши вай месутуд..............................135

Ҳикояи сангтарош.....................................................137